آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

23 апрели соли 2025
Чоршанбе
№ 33 (15148)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## НАҚШАҲО ОИД БА САНОАТИ КИМИЁ БАРРАСӢ ГАРДИДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев бо иҷрои лоиҳаҳои саноати кимиё ва муаррифии нақшаҳо оид ба диверсификатсияи соҳа шинос шуд.***

Дар натиҷаи ислоҳот дар соҳа тамоюлҳои бозорӣ роҳандозӣ шуда, барои сармоягузорӣ роҳи васеъ боз гардид. Барои тавсеаи силсилаи истеҳсолот дар Навоӣ, Фарғона, Қӯнғирот 3-то кластери кимиёӣ, дар Чирчиқ ва Ҷиззах 2 технопарк ташкил гардид. Заводи суперфосфати Қӯқанд комилан бозсозӣ шуд.

Дар панҷ соли охир 20 корхонаи нав боз гардида, беш аз 4 ҳазор ҷойи корӣ таъсис ёфт. Ба соҳа брендҳои байналмилалӣ ворид шуданд, истеҳсоли маҳсулоти камҳаҷм роҳандозӣ гардид. Дар натиҷа истеҳсолот дар саноати кимиё 1,5 баробар афзуд.

Дар тақдимот масъулон дар бораи кор ва нақшаҳои имсола ҳисобот доданд.

Зикр гашт, ки дар семоҳаи аввали соли равон дар соҳа 181 миллион доллар сармоя аз худ гардида, 3 лоиҳа бар маблағи 39 миллион доллар ба кор даровarда шуд.

Акнун, дар семоҳаи дуюм аз ҳисоби аз худ кардани 170 миллион доллар сармояи хориҷӣ ба кор андохтани корхонаҳои гидрогени «сабз» ва намаки сианид дар назар аст.

Раванди рақамикунонӣ идома ёфта, ҳамгироии соҳа бо бахшҳои шарик васеъ мегардад. Дар низоми ягонаи хазинадории корхонаҳои кимиё модулҳои иловагӣ ҷорӣ мегарданд. Кори “Платформаи ягонаи рақамӣ” анҷом ёфта, 15 нишондиҳандаи иқтисодии корхонаҳо инъикос меёбанд.

Боз як вазифаи муҳим – самарадории энергия. Зарурияти кам кардани арзиши аслӣ тавассути сарфаи энергия ва афзунсозии сатҳи истифода аз иқтидорҳои истеҳсолот таъкид гардид.

Зикр гашт, ки дар соҳа ҳанӯз имкониятҳои истифоданашуда бисёранд. Дар бозори дохилӣ, ки босуръат рушд мекунад, талаб ба маҳсулот меафзояд. Шароити ноустувори бозори ҷаҳонӣ низ вазифаҳои нав ба миён меорад.

Бинобар ин, чораҳо барои тағйироти сохтории шабака, маҳаллисозӣ ва зиёд кардани арзиши иловагӣ баррасӣ шуданд.

Дар назди масъулон вазифа гузошта шуд, ки дар асоси талаботи имрӯз ва пешгӯиҳои иқтисодӣ оид ба рушди саноати кимиё барномаи нав таҳия созанд. Дар ин замина зарурати эътибори алоҳида додан ба диверсификатсияи соҳа тавассути азхудкунии самтҳо, истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши баланд таъкид гардид.

**ЎзА.**

## ПЕШВОИ МИЛЛИИ ХАЛҚИ ТУРКМАН БА ӮЗБЕКИСТОН ТАШРИФ МЕОРАД

***Бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев Пешвои миллии халқи туркман, Раиси Халқ Маслаҳатии Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳамедов 23-24 апрел бо сафари расмӣ ба шаҳри Самарқанд ташриф меорад.***

Аз рӯзномаи музокироти ба нақша гирифташуда таҳкими минбаъдаи муносибатҳои шарикии стратегии Ӯзбекистону Туркманистон ва тавсеаи ҳамкориҳои бисёрҷанба, пеш аз ҳама дар соҳаҳои сиёсӣ, байнипарлумонӣ, тиҷоративу иқтисодӣ, нақлиётиву коммуникатсионӣ ва фарҳангию башардӯстӣ ҷой дода шудаанд.

Ҳамчунин оид ба масъалаҳои муҳими рӯзномаи минтақавӣ ва байналмилалӣ табодули афкор ба амал меояд.

**ЎзА.**

***22 апрел Президент Шавкат Мирзиёев бо муаррифии корҳое, ки дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ дар бахши электротехника иҷро шуданд ва вазифаҳои минбаъда шинос шуд.***

## ВАЗИФАҲОИ НАВБАТӢ ДАР САНОАТИ ЭЛЕКТРОТЕХНИКӢ МУАРРИФӢ ШУДАНД

Ин соҳа яке аз драйверҳои саноати мамлакат мебошад. Дар ҳафт соли охир ҳаҷми содирот 7 баробар афзуда, ҷуғрофиёи таъминот ба 63 кишвар васеъ гардид. Ҳоло дар ин соҳа қариб 500 корхона фаъолият дорад ва дар онҳо беш аз 27 ҳазор ҳамватанон меҳнат мекунанд.

Бо мақсади афзунсозии ин иқтидор Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 22 январи соли равон “Дар бораи чораҳои иловагӣ оиди ба марҳилаи нави рушд баровардани саноати электротехникӣ” имзо гардид. Тибқи он ҷиҳати ҳавасмандгардонии истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши баланд, ҷалби сармоя ва брендҳои хориҷӣ, рушди корҳои таҷрибаву лоиҳакашӣ чораҳо андешида мешаванд.

Дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ ҳаҷми истеҳсолот дар соҳа аз 7 триллион сӯм афзуд. Ҳаҷми содирот ба қариб 310 миллион доллар расид, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,3 баробар зиёдтар аст.

Дар ин муддат 55 миллион доллар сармоягузорӣ ҷалб карда шуд. Аз ин 48 миллион доллар сармояи мустақими хориҷӣ ва кредитҳо мебошад.

Аз рӯйи истеҳсоли маҳсулоти харидоргир тахти тамғаҳои хориҷӣ лоиҳаҳо ба маблағи умумии 900 миллион доллар ташаккул дода шуд. Ҳоло ҷиҳати тавофуқи раванди техникӣ, роҳандозии технологияҳои зарурӣ корҳо идома доранд.

Дар тақдимот роҷеъ ба нақшаҳои асосии барои семоҳаи дуюм ва то охири сол пешбинишуда низ маълумот дода шуд.

Соли ҷорӣ ба 43 триллион сӯм расонидани ҳаҷми истеҳсолот, маҳалликунонии маҳсулот ба маблағи қариб 5 триллион сӯм дар назар аст. 71 лоиҳа ба маблағи умумии 656 миллион доллар амалӣ гардида, таъсиси 4600 ҷойи корӣ пешбинӣ шудааст. Ба 1 миллиарду 700 миллион доллар расонидани ҳаҷми содирот, ба 68 давлат расонидани ҷуғрофиёи он ба нақша гирифта шудааст.

Сарвари давлатамон муҳим будани интихоби масири муносиби рушд ва зуд мутобиқ шудан ба талаботи бозор дар саноати электротехникиро дар шароити тағйирёбии иқтисоди ҷаҳон таъкид кард.

Зарурати амиқсозии маҳалликунонӣ, дастёбӣ ба маҳсулоти дорои арзиши баланд, барои истифодаи технологияҳои муосир омода кардани кадрҳои ботаҷриба қайд гардид.

Ба масъулин супориш дода шуд, ки бо ҳар як корхонаи соҳа ҳамкорӣ намуда, масъалаҳои дар силсилаҳои саноатӣ ва логистикӣ ба миён омадаро ҳал кунанд, ҷуғрофияи содиротро диверсификатсия ва бозорҳои нав пайдо намоянд.

**ЎзА.**

Муносибат

## «ХАРИТАИ ЯГОНАИ САЙЁҲӢ» ҶОРӢ ХОҲАД ШУД

***Имрӯз кишварҳои зиёди ҷаҳон, аз ҷумла Фаронса, Туркия ва Ҷопон, туризми дохилӣ ва хориҷиро ҳамчун сутуни асосии иқтисоди миллии худ фаъолона ривоҷ медиҳанд. Дар таҷрибаи ин кишварҳо на танҳо фароҳам овардани инфрасохтор, балки ба лоиҳаи сармоягузорӣ табдил додани ҳар як манбаи таърихӣ, фарҳангӣ ва табиӣ аҳамияти бузург дорад.***

Дар кишвари мо низ соҳаи сайёҳӣ на танҳо ба воситаи рушди иқтисодӣ, балки ба яке аз локомотивҳои асосии имиҷи кишвар, дипломатияи фарҳангӣ ва рушди минтақавӣ табдил меёбад. Дар ҷамъомади видеоселекторие, ки таҳти роҳбарии Президенти кишвар баргузор гардид, зарурати боло бурдани иқтидори сайёҳии минтақаҳо ва суръат бахшидани татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳамаҷониба баррасӣ шуд.

Тавре таъкид гардид, дар солҳои охир соҳаи сайёҳӣ дар иқтисоди миллии мо ба як бахши муҳим ва саҳмгузор табдил меёбад. Ҳаҷми содироти соҳа 1,6 баробар афзуда, ба 3,5 миллиард доллар расид. Ғайр аз ин, зиёда аз 2 ҳазор соҳибкори нав дар ин самт ба фаъолият оғоз карда, ҷараёни воридоти сайёҳони хориҷӣ бори аввал аз марраи 10 миллион нафар гузашт ва дар баробари ин, дар минтақаҳо инфрасохтори сайёҳӣ ва хидматрасонӣ босуръат ривоҷ меёбад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар 8 соли охир сармоягузорони маҳаллӣ ва хориҷӣ ба ин самт 6,5 миллиард доллар сармоя ҷалб намуда, 130 ҳазор ҷойи истиқомати меҳмонон ташкил карданд. Ин рақам имсол боз ба 30 ҳазор ҷой афзоиш хоҳад ёфт. Дар қуллаи «Олтин бел»-и ноҳияи Паркент минтақаи нави лижаронии сатҳи байналмилалӣ сохта мешавад. Маркази лижаронии «Куршевел»-и Фаронса ба ташкили маконҳои сайёҳии мутобиқ ба стандартҳои аврупоӣ дар минтақаҳои кӯҳистонии кишварамон таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Ин, пеш аз ҳама, аз он далолат медиҳад, ки муҳити соҳибкорӣ ва сифати инфрасохтор дар кишвар ба сатҳи нав баромадааст.

Омода гардидани стратегияи то соли 2040 барои ба 7 фоиз расонидани саҳми соҳаи сайёҳӣ дар иқтисодиёт ва ба 10 миллиард доллар баровардани ҳаҷми содирот ифодаи равшани таваҷҷуҳ ба ин соҳа мебошад.

Чорабиниҳо чун ҷорӣ кардани низоми «Харитаи ягонаи сайёҳӣ», ҳисоботи автоматӣ ва ҷалби грантҳои байналмилалӣ барои корҳои таъмиру бозсозии мероси таърихӣ, дар таҳаввули муносибати аҳолӣ ба сарватҳои миллӣ саҳми муҳим доранд.

Зеро, объектҳои мероси фарҳангӣ бояд на танҳо барои сайёҳони хориҷӣ, балки пеш аз ҳама, барои густариши ҷаҳонбинии шаҳрвандон тавассути саёҳат ва ҷалби бештари сайёҳони маҳаллӣ ба як макони кушода ва фаъол табдил ёбанд. Пешниҳод дар бораи ҳамчун «Рӯзи саёҳат бо оила ва ҷамоаи корӣ» эълон намудани ҳар шанбе ва якшанбеи аввали моҳ низ метавонад ҳамчун ташаббуси муҳими иҷтимоӣ арзёбӣ шавад.

Боз як масъалаи муҳим, ки дар ҷамъомад аз ҷониби Президент зикр гардид — зарурати барҳам додан ба тӯл кашидани беасоси лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва истифодаи мақсадноку оқилонаи маблағҳо мебошад. Ҳамчунин, иттилоъ дода шуд, ки бо ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ дар бораи татбиқи лоиҳаҳо бо арзиши умумии 20 миллиард доллар кор бурда мешавад. Таъкид гардид, ки то охири соли ҷорӣ иҷрои корҳо ба маблағи 4,5 миллиард доллар ҳатмӣ буда, нисбат ба масъулон чораҳои қатъии назорату ҷавобгарӣ андешида хоҳад шуд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҷалби сармоя аз хориҷ худ ба худ кофӣ нест – ба иқтисодиёти воқеӣ бо суръат, самаранок ва шаффоф равона намудани он мезони асосӣ маҳсуб меёбад. Дар кишварҳое чун Сингапур, Кореяи Ҷанубӣ ва Полша ҳамкорӣ миёни ҳукуматҳои маҳаллӣ ва бонкҳо, инчунин татбиқи лоиҳаҳо тавассути бонкҳои лоиҳавӣ ва марказҳои молиявӣ самараи худро нишон додааст.

Гуфтан мумкин аст, ки дар кишварамон ҷорӣ намудани модели нави ҳамкории ҳокимиятҳои вилоятҳо ва бонкҳо, ки маблағҳо дар минтақаҳо дар асоси лоиҳаҳои тайёр тақсим мешаванд, ифодаи умумимиллии таҷрибаи дар боло зикршуда мебошад. Дар ин самт роҳбарони маҳаллиро зарур аст, ки ташаббус кор бошанд, бо соҳибкорон мунтазам кор баранд ва лоиҳаҳои босифату боэътимодро пешниҳод намоянд.

Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» ислоҳотеро, ки дар соҳаҳои сайёҳӣ ва сармоягузорӣ ба нақша гирифта шудаанд, ҷонибдорӣ мекунад. Агар вазифаҳои афзалиятноки дар ҷамъомад муайянгардида самаранок татбиқ шаванд, он гоҳ устувории иқтисодии кишвари мо мустаҳкам мегардад, ҷойҳои нави корӣ таъсис ва имкониятҳои рушди минтақавӣ тавассути сайёҳӣ афзоиш меёбанд. Ҳамзамон, барои ҳифз ва таблиғи мероси миллӣ ва фарҳангии мо дар сатҳи ҷаҳонӣ заминаи мусоид фароҳам мегардад.

**Робахон МАҲМУДОВА, роҳбари фраксияи ҲСД «Адолат» дар Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**



*Сокини маҳаллаи «Мирзоobод»-и ноҳияи Боғдоди вилояти Фарғона Абдурозиқ Ҳомидов бо парвариши қаланфур рӯзгори хешро пеш мебарад.*

*Алҳол дар майдони ба оилаҳои эҳтиёҷманд ҷудокардаи ноҳия ниҳолҳои қаланфур шинонда мешаванд. Парвариши ин намуди сабзавот ба манбаи даромади аҳли маҳаллаи «Мирзоobод» табдил ёфтааст. Қариб дар аксарияти хонадонҳои маҳалла парвариши ин навъи зироат ба роҳ монда шудааст.*

***Дар сурат:*** *лавҳа аз ниҳолшинонӣ ба замини оилаҳои эҳтиёҷманди ноҳияи Бағдоди вилояти Фарғона.*

***Суратгир: М.ҚОДИРОВ (ЎзА).***

## ИНТИХОБОТИ РАИСОНИ МАҲАЛЛАҲО ЧӢ ХЕЛ МЕГУЗАРАД?

***19 апрели соли равон дар Қасри эҷодии ҷавонони шаҳри Тошканд бахшида ба ташкил ва баргузории интихоботи раисони маҳаллаҳо таҳти мавзӯи «Маҳалла: интихоботи демократӣ дар асоси тамоюлҳои нав оғоз ёфт» нишасти матбуотӣ баргузор гардид.***

Чорабинӣ, ки масъулони Иттиҳоди маҳаллаҳои Ӯзбекистон, роҳбарони садорат ва шуъбаҳои минтақавии иттиҳод, намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ иштирок карданд, бо пахши Суруди миллӣ ва тақдими навори махсус дар бораи фаъолияти иттиҳод оғоз ёфт.

Сипас, муовини аввали сарвари Иттиҳоди маҳаллаҳои Ӯзбекистон, роҳбари ситоди кумакрасон барои баргузории интихобот Ҷавдатхон Иноғомов дар бораи корҳое, ки бобати таҳкими нақши маҳалла дар ҷамъият, рушди тадриҷии ин сохтор, тавсеаи имкониятҳои молиявии он, инчунин, роҷеъ ба раванди корҳои омодагӣ ҷиҳати гузаронидани интихоботи раиси маҳаллаҳо ҳарф зад.

– Бо мақсади дастгирии фаъолияти маҳаллаҳо аз тарафи Президент Шавкат Мирзиёев механизми амиқ муқаррар карда шудааст, – гуфт Ҷ.Иноғомов. – Барои маҳаллаҳо имконияту имтиёзоти иловагӣ тақдим гардид ва дар натиҷа ҳам доираи ваколат ва ҳам масъулияти кормандони соҳа афзуд. Ҳоло дар 9452 маҳалла 57 ҳазору 132 нафар аъзои «ҳафтгонаи маҳалла» фаъолият доранд.

Мавсуф дар баромади худ таъкид кард, ки соли ҷорӣ интихоботи раисони маҳаллаҳо дар асоси тағйирот ва иловаҳои ба қонун «Дар бораи интихоботи раиси ҷамоати шаҳрвандӣ» воридшуда сурат мегирад ва бори аввал тибқи тамоюлҳои демократӣ, принсипҳои рӯшодӣ, ошкороӣ, ифодаи озоди хоҳиш ва иродаи шаҳрвандон доир мегардад.

Зикр гашт, ки яке аз тағйироти муҳими қонун ба 5 сол баробар кардани муддати ваколати раисони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо (пештар 3 сол буд) мебошад. Инчунин, акнун муддати баргузории интихоботи раиси маҳалла аз ҷониби Ҷӯқорғи Кенгеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, Шӯрои намояндагони халқи вилоятҳо ва шаҳри Тошканд муқаррар гардида, ин барои роҳандозии ҳамкории босамари мақомоти намояндагии маҳаллӣ бо маҳаллаҳо мусоидат хоҳад кард.

– Дар моҳҳои май-июл интихоботи раисони маҳаллаҳо гузаронида мешавад, – афзуд Ҷ.Иноғомов. – Ба ин муносибат ситоди ҷумҳурии Иттиҳоди маҳалла, ҳамзамон дар 14 минтақа ва 208 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ комиссияҳои кумакрасон ҷиҳати ташкил ва баргузории интихоботи раиси маҳаллаҳо ва дар назди онҳо штабҳои алоҳида ташкил гардид. Бо мақсади афзунсозии самарабахшии фаъолияти гурӯҳҳои корӣ ба онҳо 10 намуди ашёи коргузорӣ дастрас карда шуд. Тибқи қарори Шӯроҳои маҳаллӣ рӯйхати комиссияҳои кумакрасон ҷиҳати ташкил ва баргузории интихоботи раисони маҳаллаҳо дар шаҳру ноҳияҳо (иборат аз 4090 нафар) ва бо қарори ҷамъомади намояндагони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо рӯйхати гурӯҳҳои корӣ (иборат аз 85150 нафар) тасдиқ карда шуд.

Таъкид гардид, ки бо мақсади ташкили фаъолияти босамари комиссия ва гурӯҳҳои корӣ тавсияи услубӣ «Дар бораи ташкил ва баргузории интихоботи раиси маҳалла», маҷмӯаи услубии «Интихоботи маҳалла: 100 саволро 100 ҷавоб» ва «Маҷмӯаи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба интихоботи раиси маҳалла» омода ва ба минтақаҳо фиристода шуд.

Ҳамзамон бо қарори комиссияҳои кумакрасон миқдори вакилони 9452 маҳалла муайян карда шуд, ки мувофиқи он дар раванди интихобот иштироки 2 миллиону 591 ҳазору 823 нафар вакил пешбинӣ шудааст.

Дар анҷоми нишасти матбуотӣ нишони расмӣ ва шиорҳои маъракаи интихобот низ муаррифӣ гардид. Кормандони воситаҳои ахбори оммавӣ ба саволҳои худ ҷавоб гирифтанд.

**Ф. ЙЎЛДОШЕВ, мухбири «Овози тоҷик».**

## ИФОДАИ ЭҲТИРОМ БА МЕРОСИ МУШТАРАК

***Рухсана ИФТИХОР (Покистон), директори Маркази мероси Бобури назди Донишгоҳи Панҷоб дар мусоҳиба бо агентии иттилоотии «Дунё» дар бораи ташаббуси Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ҷиҳати Бобур номгузорӣ кардани шаҳраки Андиҷони Нав изҳори назар кард:***

– Суханронии Президенти Ӯзбекистон дар Андиҷон ва пешниҳоди ӯ дар бораи сохтмони шаҳри нав бо номи Бобур дар Покистон акси садои зиёд ба бор овард. Ин на танҳо як ташаббуси шаҳрсозӣ, балки орзуи миллионҳо одамонест, ки бо шахсияти бузурги Бобур пайванди таърихию фарҳангиро эҳсос мекунанд.

Ман ҳамчун муаррих аз ин воқеа хеле мутаассир шудам. Бобур барои Покистон на танҳо асосгузори як сулолаи бузург, балки тимсоли фарҳангӣ, қаламкаш ва соҳиби афкори фалсафӣ мебошад. Номи ӯ бо завқи тоза ба адабиёт, муҳаббат ба табиат, шеър ва меъморӣ алоқаманд аст. Бинобар ин, бунёди шаҳр бо номи Бобур на танҳо як чорабинии хотира, балки ифодаи муколамаи пурқуввати Ӯзбекистон ва Осиёи Ҷанубӣ дар асоси эҳтиром ба мероси муштарак мебошад.

Қарори Президенти Ӯзбекистон дар бораи ба маркази санъати амалии халқ табдил додани амфитеатри шаҳри Андиҷон низ сазовори диққати махсус аст. Бовар дорам, ки он бобати ба ҳам наздик кардани маданияти халқҳо ба платформаи муҳим табдил меёбад. Фикр мекунам, ки мусаввирони покистонӣ аз ширкат дар фестивалҳо ва лоиҳаҳои эҷодӣ, ки дар ин фазои беназир баргузор мешаванд, шод хоҳанд шуд.

Ӯзбекистон бори дигар собит кард, ки нигоҳи худро на танҳо ба гузашта, балки ба оянда низ равона кардааст. Эҳёи хотираи Бобурро дар Андиҷон, ки дар он ҷо таваллуд шудаву ба воя расидааст, метавон чун адолати таърихӣ ва ҳамзамон ба сифати даъват ба муколама арзёбӣ кард. Мо дар Покистон ин ташаббусро аз таҳти дил эътироф мекунем ва умед дорем, ки он ба вусъати мубодилаи фарҳангӣ ва илмии байни мамлакатҳоямон такон мебахшад.

**АИ «Дунё»,**

Шаҳри Лоҳур.

Эътироф

# ДОНИШ ТАЛАБУ БУЗУРГӢ ОМӮЗ...

***Дар урфият «парранда дар лонаи худ ҳар чӣ бинад, онро кунад», «ба зери дарахти себ, себ меафтад» мегӯянд. Воқеан, мо дар ҳаёт борҳо дар амал шудани ин гуфторҳоро шоҳид шудаем. Вақте китоби рӯзгори инсони хоксор, марди меҳнатдӯст, фарзанди меҳрубон ва падари ғамхор Фаррух Бобоевро варақ мезанем, боз як бор бар ин амин хоҳем шуд.***



Фаррух худ дар оилаи омӯзгор ба камол расидааст ва хуб медонад, ки муаллимӣ пешаи заҳматписанду бошараф ва ҳамзамон касби нонаш «сахт» аст. Агар муаллим пайваста аз пайи омӯзишу ҷустуҷӯ набошад, аз замон, ки босуръат рушд мекунад, қафо мемонад. Яъне омӯзгор бояд ҳамқадам ва ҳамнафаси замон бошад.

Падараш Аҳмадҷон тӯли солҳо дар мактабҳои ноҳияи Сариосиё ба донишомӯзон асрори фанни таърихро омӯхт. Чанд сол ҳамчун муовини директор оид ба корҳои таълим ва директор фаъолият намуд. Маҳорат ва таҷрибаи пешқадами педагогии Аҳмадҷон борҳо дар соҳаи маориф оммавӣ гардид. Мавсуф беш аз чоряк аср чун мудири шуъбаи таълими халқи ноҳияи Сариосиё кор карда, на танҳо симои мактабҳои ноҳия, балки сатҳи таълиму тарбияро дар онҳо беҳтар намуд. Агар ба таърихи таълими халқи вилояти Сурхондарё назар кунем, аён мешавад, ки то ҳол ягон мудир чун Аҳмадҷон Бобоев зиёда аз 25 сол ба шуъбаи таълими халқи ноҳия роҳбарӣ накардааст. Меҳнати фидокорона ва таҳтидилонаи устод аз ҷониби ҳукумат муносиб қадр шуда, ба унвони фахрии «Ўзбекистонда хизмат кўрсатган халқ таълими ходими» ва ордени «Дўстлик» сарфароз гардидааст. Бонуи меҳнатдӯсти устод, яъне модари Фаррух Бобоев низ то ба синни нафақа омӯзгорӣ кардааст.

Фаррух, ки дар чунин муҳити илму адаб ва ибратбахш ба камол расида буд, ба касби волидон ҳавас карда, пас аз хатми мактаб таҳсилро дар факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Тирмиз идома дод. Сипас, бо мақсади таҳкими дониш дар самти забоншиносӣ дар шуъбаи магистратураи Донишгоҳи забонҳои ҷаҳони Ўзбекистон аз рӯйи ихтисоси «лингвистика» хонд. Соли 2011 магистратураро хатм карда, бо мақсади беҳтар азхуд намудани асрори таълиму тарбия ва мутахассиси пешбари соҳа шудан фаъолияти меҳнатии худро дар мактаби миёнаи рақами 52-юми ноҳия оғоз кард.

Фаррух пайваста аз пайи омӯзиш буд ва ҳамеша барои такмили маҳорати педагогиву дониши ихтисосӣ талош мекард. Ӯ дар раванди дарсҳои забони хориҷӣ аз методҳои гуногуни интерфаъол истифода мебурд ва ҳар як дарси худро бо омодагии ҳамаҷониба мегузаронд. Ҳамзамон оид ба соҳаи хеш мақолаҳои илмӣ навишта, дар озмунҳои гуногуни Вазорати таълими халқ фаъолона иштирок мекард. Таҷрибаи педагогии ин омӯзгори кӯшову пешқадамро дар мактабҳо оммавӣ менамуданд. Ин буд, ки саъю кӯшишҳои Фаррух беҳуда нарафтанд: меҳнатҳои фидокорона ва содиқонааш натиҷаи худро доданд. Нахуст ин омӯзгори ҷавони заковатмандро услубшиноси шуъбаи таълими халқи ноҳия таъин ва баъд аз чанде ба вазифаи услубшиноси Маркази эҷодии техникии донишомӯзони ҷумҳурӣ даъват намуданд. Дар ин ҷо низ фаъолияти босамар намуд ва бо назардошти комёбиҳои мусбати шогирдонаш, ӯро ба садорати кадрҳои Вазорати таълими халқи ҷумҳурӣ сарнозир таъин карданд.

Солҳои 2011-2018 дар вазифаи муовини сардори Садорати кадрҳои вазорат ва аз соли 2018 чун сардори Садорати назорат ва таҳлили вазорат кор кард. Солҳои 2019-2023 дар вазоратҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, инчунин, таълими томактабии ҷумҳурӣ дар вазифаҳои мудири шуъбаҳои кадрҳо софдилона меҳнат карда, дар ҷамъ овардани мутахассисони варзидаи соҳа саҳми арзанда гузошт.

Дар ҷараёни кор дар вазоратҳо ба давлатҳои хориҷӣ низ сафар карда, таҷрибаи таълимии онҳоро омӯхт. Аз ҷумла, дар Донишгоҳи политехникии «Ningbo», Донишгоҳи «Zhejiangnormal»-и Чин ва дар Донишкадаи миллии рушди захираҳои инсонӣ (NHL)-и Кореяи Ҷанубӣ донишу маҳорати худро такмил дод.

Меҳнати шоиста ва фидокоронаи чандинсолаи Фаррух дар соҳа муносиб эътироф гардида, бо нишонҳои сарисинагии «Халқ таълими аълочиси»-и Ўзбекистон ва Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, «Жисмоний тарбия ва спорт аълочиси», инчунин, нишони хотиравии Вазорати таълими Кореяи Ҷанубӣ мукофотонида шудааст.

Фаррух дар кадом соҳа ва дар чӣ вазифа кор кунад, доим мекӯшид, ки ҳалол ва аз рӯйи виҷдон фаъолият намояд. Ростгӯву ростkор бошад. Доим бо ҳолатҳои коррупсионӣ мубориза мебурд.

Солҳои 2023-2024 дар вазифаи муовини аввали директори Агентии таълими томактабӣ фаъолият намуд. Аз моҳи октябри соли гузашта дар вазифаи муовини сардори Садорати рушди таҳсилоти инфиродӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ ва таъминоти методии Агентии миллии ҳифзи иҷтимоӣ кор мекунад.

Агар ба фаъолияти Фаррух Бобоев амиқтар назар андозем, шоҳиди он мешавем, ки ӯ аз соли 2007 то имрӯз дар вазифаҳои гуногуни вазоратҳо кор кардааст. Ва дар байни ин солҳо, баробари иҷрои супоришот, ҳалли мушкилот, бозомӯзии таҷрибаҳои ҷаҳонӣ ва роҳандозии онҳо, аз ҷустуҷӯ ва пажӯҳиш даст накашидааст. Доир ба рушди соҳаи таълим дастурҳои таълимию методӣ офарида, дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бо маърӯзаҳо ширкат намудааст ва дар маҷаллаҳои бонуфузи мамлакат ва хориҷи кишвар зиёда аз панҷоҳ мақолаи илмӣ оид ба рушди маориф чоп кардааст.

Фаррух Бобоев, ки аз овони ҷавонӣ орзуи доктори илм шуданро дошт ва душвориҳои пажӯҳишҳои илмиро дар ин роҳ паси сар кардааст, ахиран дар мавзӯи «Механизмҳои ташаккули салоҳиятҳои шахсии директорон дар идоракунии ташкилотҳои таълимии томактабӣ» рисолаи докторӣ дифоъ кард. Бо қарори Шӯрои илмии назди Институти рушди таҳсилоти касбии Комиссияи олии аттестатсионӣ ба ӯ унвони илмии доктори фалсафа оид ба илмҳои педагогӣ (PhD) дода шуд.

Албатта ин ҳама самари дуои волидон, меҳнати фидокорона, талоши пайваста ва заҳмати шабонарӯзии Фаррух Бобоев дар роҳи донишандӯзӣ, такмили маҳорат ва таҷриба аст, ки ӯро ба коми дил расонд. Чунончи, бузургон фармудаанд:

*Дониш талабу бузургӣ омӯз,*
*То беҳ нигарад рӯзат аз рӯз.*

**Усмоналӣ НОРМАТОВ, журналист.**

*Ба рӯзнома ҷавоб омад*

# ВОКУНИШ БА МАТЛАБИ «ЁДГОРИИ ТАБИИИ ЁЗЁВОН БА ҲИФЗ НИЁЗ ДОРАД»

***Бо арзи сипос ба таҳририяти рӯзномаи «Овози тоҷик», ки дар бораи ёдгории давлатии табиии «Биёбонҳои Ёзёвон»-и идораи хоҷагии ҷангали Фарғона мақолаи пурмуҳтаво интишор намуд (шумораи 11, аз 5 феврали соли 2025). Мо низ тасмим гирифтем, ки ба муштариёни ин рӯзнома дар бораи ёдгории давлатии табиии «Биёбонҳои Ёзёвон» маълумоти бештар ироа кунем. Мӯътақидем, ки ин маълумотҳо барои дарки воқеъияти ҳол хеле мусоидат хоҳад кард.***

Инак, ёдгории «Биёбонҳои Ёзёвон» дар минтақаи регзорҳои Толқудуққум, дар шимолу шарқи вилояти Фарғона ҷойгир аст. Майдони он 1 ҳазору 820 гектарро ташкил менамояд. Вазифаи асосии он аз нигоҳ доштани геокомплексҳои биёбони регзори Фарғонаи Марказӣ ва фонди генетикии наботот ва ҳайвоноти онҳо иборат аст. Дар ин замина назорат кардани тағйироти раванду ҳодисаҳои табиӣ, ки дар геокомплексҳо ба амал меоянд, мониторинг гузарондан аз болои тадқиқотҳои илмӣ низ бар дӯши ин идора аст.

Барҳақ, ин ёдгорӣ барои ҳифз, ғанӣ гардонидан ва нигаҳдории манзараҳои биёбоне, ки дар регзорҳои Фарғонаи Марказӣ воқеъ гаштаанд, нақши муҳим мебозад. Бо қарори ҳокими вилоят аз 19 январи соли 2005 дар назди идораи хоҷагии ҷангали вилоят ёдгории давлатии табиии «Биёбонҳои Ёзёвон» таъсис дода шуд, ки ин аҳамияти ҷумҳуриявиро касб менамояд.

Бояд қайд кард, ки ноҳияи Ёзёвон дар давоми сол рӯзҳои офтобии зиёд дорад ва дар тобистон офтоб аз уфуқ хеле боло, ба 71 дараҷа мебарояд. Офтоб ба ҳисоби миёна 2600-2700 соат медурахшад. Аз ин рӯ, майдони ёдгорӣ аз шуоъафкани офтоб бой аст. Азбаски қисми зиёди радиатсия ба моҳҳои тобистон рост меояд, ҳаво каме тағйир меёбад. Аммо дар фасли зимистон шуоъафкани офтоб кам мешавад ва ҳар як массаи ҳавои воридшаванда ҳарорати ҳавои онро зуд тағйир медиҳад.

Ғайр аз ин, аз моҳи ноябр то нимаи моҳи феврал гармии дар натиҷаи радиатсия гумкардаи Замин аз гармии аз офтоб гирифтааш зиёд мешавад. Дар моҳи январ ҳарорати ҳаво аз 0 дараҷа паст мешавад. Дар қисми марказии он ҳавои хунуке, ки аз кӯҳҳои гирду атрофи водӣ мевазад, ҷамъ мешавад ва натиҷаи ин аст, ки ҳавои Фарғонаи Марказӣ дар фасли зимистон нисбат ба ҳавои доманакӯҳҳо хунуктар мешавад.

Дар давраи зимистон массаҳои ҳавои хунук, ки аз шимол ва шимолу шарқ ба водӣ ворид мешаванд, ҳарорати ҳаворо баъзе солҳо то 26-30 дараҷа паст мекунанд.

Аммо тобистони он дароз ва гарм аст. Ҳарорати мутлақи ҳаво то +42-44 дараҷа гарм мешавад. Сатҳи замин аз таъсири нури офтоб хеле гарм мешавад.

Гузашта аз инҳо, дар ноҳияи Ёзёвон кӯли тайёри моҳӣ мавҷуд аст. Боз теъдоди зиёди уштурҳову аспҳо ин ҷо чаро карда мегарданд. Майдони умумии он аз майдони ноҳияи ҳамсояи Кӯштеппа 12 баробар фарох аст.

Ёдгории давлатии табиии «Биёбонҳои Ёзёвон» аз ҷиҳати беназирии худ низ дорои аҳамияти калон мебошад. Манзараи беҳамтои биёбони регзор, зиёда аз 40 намуди ҳайвонот, хазандагон, хояндаҳо ва паррандагонро дорад. Боз 302 намуди растанӣ мавҷуд аст, ки ба 42 оила ва 188 насл тааллуқ доранд. 5 намуди дарахтон, 24 намуди буттаҳо, 98 хел гиёҳҳои бисёрсола, 165 хел растаниҳои яксола ва дусола низ ин ҷо рӯидаву нашъунамо меёбанд. Ба «Китоби Сурх»-и ҷумҳуриамон намудҳои нодири набототу ҳайвоноте дохил карда шудаанд, ки таҳти хавфи нобудшавӣ ба онҳо таҳдид мекунад, аз қабили тимсоҳ, калтакалоси чипории Фарғона, қурбоқаҳо, лочин, гурбаи даштӣ ва амсоли он.

Дар ҳудуди ёдгорӣ растаниҳое ҳастанд, ки 91-тоаш шифобахш ва 84-тоаш алафҳои бегона мебошанд. Дар байни ҳайвонот ва паррандаҳое, ки дар қаламрави ин ёдгорӣ зиндагӣ мекунанд, инҳоро номбар кардан мумкин аст: тимсоҳ, морҳои гуногун, қурбоқасари Штрауч, калтакалосҳои хурду бузург, сангпушти Туркистон, харгӯши кӯҳӣ, гунҷишкҳои зарду кабуд, лочин, сӯфитӯрғай, лайлаки сурх ва амсоли он.

Имконияти аз ҳама калонтарини ин минтақа мавҷудияти обанбори Фарғонаи Марказӣ мебошад, ки 4000 гектарро ташкил мекунад ва он дар шафати мамнӯъгоҳ воқеъ гаштааст. Дар моҳҳои тобистон ҳамватанони мо ба Зилха, Бостонбува ва Сетадагумӣ рафта, тавассути реги сӯзон худро табобат мекунанд.

Бояд тазаккур дод, ки сайёҳии тиббиро ин ҷо ривоҷ додан мумкин аст, зеро дар фасли гармо одамон метавонанд ба ин ҷо омада, аз реги тафсони он ба хотири барқарор кардани саломатии худ фаровон истифода намоянд.

Бо ташаббуси ҳокими вилоят бунёди 560 гектар ҷангалзор низ мадди назар аст. Илова бар ин, дар ҳамкорӣ бо кормандони Садорати экология, муҳити зист ва тағйирёбии иқлими вилояти Фарғона ва кормандони хоҷагии ҷангал дар минтақаи «Ёдгории табиии Ёзёвон» чорабиниҳои биотехникӣ гузаронида мешаванд. Дар рӯзҳои ҳавои сарди зимистон ҳайвонот мувофиқи ҷадвали хос бо ему хошок таъмин мегарданд.

Ногуфта намонад, ки масъалаи асосӣ муҳофизати табиат ва тавозуни он мебошад. Дастандаркорони соҳаро лозим меояд, ки дар машварат бо экологҳо аз имкониятҳои фаровон истифода кунанд ва тавассути ҷалби маблағҳои сармоягузорон ҳифзу нигоҳубини ёдгории давлатии табиии «Биёбони Ёзёвон»-ро боз ҳам густариш диҳанд.

**Азимҷон ХУДОЙҚУЛОВ,**
**сухангӯи ҳокимияти ноҳияи Ёзёвон.**
**Гулноза ТӮХТАСИНОВА,**
**сухангӯи Садорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлими вилояти Фарғона.**

# ҲАМШИРАИ ШАФҚАТ – БОШАД САЛОМАТ!

*Дар шаҳри Фарғона зинаи вилоятии озмун-азназаргузаронии «Ҳамшира–2025» баргузор гардид. Дар он 25 нафар ғолибони зинаи шаҳру ноҳиявии озмуни мазкур иштирок карданд. Ҳайати ҳакамон ба бароmади ҳамшираҳои зукко ва шуҷоъ аз рӯйи шартҳои озмун одилона баҳо доданд. Дар он баробари маҳорати касбӣ, ба эҷодкориву саводи сиёсии ҳамширагон эътибор дода шуд. Ҷойи аввал ба Ҳуснида Турдалиева – ҳамшираи шуъбаи реаниматсияи шифохонаи ноҳияи Бешариқ насиб гардид. Ӯ балли баландро соҳиб шуда, барои иштирок дар зинаи ҷумҳурии озмун роҳхат гирифт.*

*Ҷойи дуюм ба ҳамшираи шуъбаи реаниматсияи ноҳияи Данғара Иродахон Халилова ва ҷойи сеюм ба ҳамшираи шуъбаи қабули шифохонаи марказии ноҳияи Фарғона насиб гардид.*

***Дар сурат:** лавҳа аз озмун.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***



***

***Дар вилояти Самарқанд беш аз 100 ҳазор нафар ҳамшираҳои шафқат адои вазифа мекунанд. Чӣ бояд кард, ки хидмати онҳо ба замона хос ва манзури корафтодагон бошад?***

Бо ҳамин муносибат дар Кохи фарҳанги «Нурафшон»-и шаҳри Самарқанд марҳилаи вилоятии озмуни «Ҳамшираи шафқат – 2025» баргузор гардид, ки дар он аз тамоми шаҳру ноҳияҳои вилоят намояндагон барои пирӯзӣ ва роҳхат ба марҳилаи ҷумҳурӣ талош варзиданд.

Аз рӯи ҷамъбаст ва хулосаи доварон ҷойи аввал ба ҳамшираи тиббии шуъбаи кардиологияи шифохонаи марказии шаҳри Каттақӯрғон Азизабону Каримова насиб кард.

Мақоми дуюм ва сеюмро Кумуш Ярашева аз ноҳияи Каттақӯрғон ва Нигора Акрамова аз ноҳияи Ҷомбой ба даст оварданд.

– Касби парасторӣ пуршарафу пурмасъулият аст, – гуфт котиби матбуоти Садорати нигаҳдории тандурустии вилоят Элдор Муҳаммадиев. – Онҳо ҳамеша дар атрофи беморон парвона. Бигузор, ҳамшираҳои шафқат – бошанд саломат!

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

Аз ҳаёти маҳалла

# САРДОРИ КӮЧА

2-3 сол пеш нафаре аз ҳамдеҳагон ба ман:

– Шумо сардори кӯчаамон шавед-чӣ? – гуфт.

– Хуб, сардори кӯча чӣ кор мекунад? – пурсидам аз вай.

– Супориши аз идораҳои болоиро иҷро мекунед, – ҷавоб дод вай.

– Хеле хуб, лекин ман бисёр сафарҳои корӣ дорам. Аз ин сабаб ба ин вазифа чандон мувофиқ нестам.

Вазифаи «сардори кӯча» он замон як мансаби даҳонию муқаррарӣ буд, баъдан вай кори ҷиддӣ ва ба вазифаи бошараф бадал шуд.

Хабар расид, ки Тӯйчибой Тошматов ба яке аз кӯчаҳои калони маҳаллаи Қалъаи Поёни мо сардор таъин шудааст.

Тӯйчибой аслан аз аҳли маҳаллаи аввалини мо – Майдон буд. Баъд хонадор шуду бо хонаводааш муқими маҳаллаи Қалъаи Поён ва боз бо мо ҳаммаҳалла гардид. Падари ӯ Шарофбойамак аз ҷабҳаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ як пояшро бохта баргашт. Ба вай барои ҷасоратҳои ҷангӣ давлат мошини сабукрав дод ва писарон, аз ҷумла, Тӯйчибой ин мошинро идора карда, ба падар хидмат менамуданд.

Тӯйчибой дар мактаби деҳа хонд. Ӯ аз мо ду сол пеш – аввали солҳои 70-уми асри XX мактаби миёнаро бо баҳоҳои хубу аъло ва одобу ахлоки нек хатм кард.

Ба техникуми саноатии пойтахт дохил шуд. Баъди хатми он дар омӯзишгоҳи касбию техникии рақами 111-уми ноҳияи Чуст ба фаъолияти педагогӣ сар кард. Бо шикасти бинои таълимӣ муассисаро аз деҳаи Карнон ба шаҳри Чуст кӯчониданд. Омӯзишгоҳи онҳо баъдан ба коллеҷи хоҷагии қишлоқ табдил гашт. Дар ин ҷо низ Тӯйчибой ба ҷавонону мутахассисони оянда асрори мошин ва техникаи кишоварзиро омӯзонд.

Аз оғози солҳои навадуми асри гузашта дар хоҷагии пахтакории варзикиён аввал ҳамчун экспедитор ва баъд сармуҳандис кор кард. Дар ин мобайн дар соҳаи техникии хоҷагии кишоварзии ба номи Гагарини ноҳияи Чуст 2 сол меҳнат карда, боз ба кори пештараащ баргашт. То дами вопасини хоҷагии ҷамоавӣ, яъне соли 2002 дар он ҷо фаъолият дошт.

Ҳоло Тӯйчибой нафақахӯр аст. Раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Қалъаи Поён Камолхон Нуриддинов ӯро сардори кӯчаи Табобат таъин намуд. Сардори кӯча ӯҳдадор аст, ки супоришҳои раиси маҳалларо адо кунад. Дар маҳалла кӯчаҳо бисёранд, сардор хабари чӣ кор кардани мардуми ин кӯчаҳоро фавран мерасонад. Онҳоро на фақат ба ҷамъомаду ҳашарҳо, балки ба истироҳат, намоиши консерту тамошоҳо низ сафарбар ва даъват мекунад.

Ба гуфти раиси маҳалла сардори кӯча дар ҳар се моҳ як бор маош мегирифтааст.

– Барои пешбурди кори маҳалла бо аҳли кӯча маслиҳат мекунем, дар мактаб бо муаллимону хонандагон суҳбат мегузаронем. Бо оштикунии оилаҳо машғул мешавем. Барои киштукори замини наздиҳавлию парвариши боғҳо ба одамон маслиҳат, ҳатто ин корҳоро ба ҷавонон ёд медиҳем. Бо ҳамкориву ташаббус кӯчаамонро чароғон кардем. Шабамон рӯз барин равшан шуд. Барои пешгирии ҷиноят дар кӯча, камераҳо мегузорем. Туфайли ин чорабиниҳо кӯчаамон орому обод шуд, 70-80 фоиз аҳолӣ оби тозаи чашма менӯшад, ҷудошавии оилаҳо ва ҷиноятҳо кам шуданд, – мегӯяд сардори кӯчаи Табобати маҳаллаи Қалъаи Поён Тӯйчибой Тошматов.

**Ш. МИРЗОЕВ,**
**ноҳияи Чусти вилояти Намангон.**

# ГАНҶ МАГИР, КИТОБ ГИР

## ДАР МАКТАБҲО «РӮЗИ КИТОБХОНӢ» ГУЗАРОНИДА МЕШАВАД

Инсон дар ҳар давру замон ниёз ба хондан, омӯхтан, дониш андӯхтан, тавонистан ва эҳтиёту ҳифзи арзишҳои маънавӣ дошту дорад. Вақте мо китобро ба даст мегирем, қабл аз ҳама бо ному насаби муаллиф шинос мешавем. Ба назар чунин мерасад, ки муаллиф бузургтарин шахси соҳиби илму дониш аст. Зеро ӯ китоб навиштааст. Чуноне ки Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар сифоти Мавлонои Балхӣ гуфтааст:

*Ман чӣ гӯям васфи он*
*оличаноб,*
*Нест пайғамбар,*
*вале дорад китоб!*

Китоб беҳтарин ганҷинаи олами маърифат ва хирад аст. Маҳз китоб инсонро ба мартабаҳои баланди шинохти хеш, фатҳи қуллаҳои илму дониш роҳнамоӣ мекунад. Аз китоб инсон сабақ меомӯзад, ба фарқи неку бад мерасад, андарзҳои бузургон ва ниёконро бобати илм, сайқали дониш ва ақлу хирад, хайру эҳсон, одаму одамгарӣ, сабру қаноат ва арзишҳои баланди миллӣ ва умумибашарӣ ба даст меорад.

Оҷонсии иттилоот ва коммуникатсияи оммавӣ аз 21 то 27 апрели соли ҷорӣ V ҳафтаи ҷумҳуриявии «Китобхон»-ро таҳти шиори «Ўзбекистон – кишвари китобхонҳо» баргузор менамояд.

Тибқи қарори Девони Вазирон аз 14 декабри соли 2020 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушд ва дастгирии фарҳанги китобхонӣ дар солҳои 2020-2025» таҳти рақами 781, ин чорабинӣ ҳамасола дар ҳамкорӣ бо вазорат, идора ва ташкилотҳо баргузор мегардад.

Мақсади асосӣ – рушди фарҳанги китобхонӣ дар мамлакат, таҳкими заминаҳои моддию техникӣ ва молиявии корхонаҳои чопу нашр ва васеъ намудани имкониятҳои фаъолияти онҳо мебошад.

– Дар замони муосир ҳаёт пешрафти технологиро ба маҳдуд намудани имконоти зеҳнӣ мутобиқ сохт. Бубинед, баъзе ҷавонону донишҷӯён ҳунари нав – роҳи осони нусхабардориро ёд гирифтанд. Ба ҷои хондану фаҳмидан, кор ба дарки бешууронаи матлабу маънӣ омада расид. Дар натиҷа, китоб ва асарҳои бузургу пурарзиш ҷойи худро аз даст дод ва сафи истифодабарандагони иттилооти номутаносиб ба маротиб афзуд. Баъзеҳо ҳоло шабу рӯз сари компутеру телефон ва воситаҳои дигари электронӣ қарор доранд ва ин «беморӣ»-и аср ба кӯдакони хурдсол низ сироят кардааст. Хонандаи имрӯз, мутаассифона, дар симои китоб дигар манбаи пурарзиш ва гаронбаҳоро намебинад, бехабар аз он, ки ин ҷавҳари маънӣ ҳар лаҳза ӯро ба кошонаи дониш ва хирад даъват менамояд, – гуфт дар маросими ифтитоҳи чорабинӣ директори Оҷонсии иттилоот ва коммуникатсияи оммавӣ Асадҷон Хоҷаев.

Қайд гардид, ки дар доираи таҳкими инфрасохтори китобхонаҳо дар зиёда аз 60 ноҳия, шаҳр ва вилоятҳо марказҳои иттилоотӣ-китобхонаҳо сохта шуданд. Аз ҷумла, 18 маркази нав таъсис ёфт.

Аз соли таҳсили 2025-2026 дар мактабҳо ҳар ҳафта рӯзи шанбе «Рӯзи китобхонӣ» эълон мегардад. Инчунин, ярмаркаҳои китобфурӯшӣ ва фестивали ҷумҳуриявии «Дар ҷустуҷӯи ҳикмат» баргузор мешаванд. Таълимгоҳ ва китобхонаҳо бо китобҳои классикии адабиёти ӯзбек ва ҷаҳонӣ таъмин мешаванд.

Зикр гашт, ки дар солҳои 2020-2024 шумораи нашриётҳо 3,5 маротиба афзуда, имрӯз қариб 600-торо ташкил менамояд ва аз ҷониби онҳо соле 11,6 ҳазор номгӯй китоб чоп шуда, дар панҷ соли охир теъдоди умумии нусхаҳо ба 197,9 миллион адад расид.

100 ҳазор нусхаи адабиёти туркиву ҷаҳонӣ ба китобхонаҳо тақдим гардид. Ҳамчунин, дар соли 2025 иборат аз 200 ҷилд китоби «Аз хазинаи адабиёти ӯзбек» чоп хоҳад шуд.

Дар маросими ифтитоҳи Ҳафтаи китобхонӣ ба мактабҳои Президент, Темурбекҳо ва литсейҳои академӣ-ҳарбии Ҷалолиддин Мангубердӣ маҷмӯи асарҳои «Дурдонаҳои адабиёти туркӣ» тақдим гардид.

Дар доираи ҳафта, дар ҷумҳурӣ баргузории зиёда аз 1000 чорабинии маърифатӣ дар назар аст. Дар шаҳри Тошканд ва Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, инчунин дар вилоятҳо ярмаркаҳои китоб таҳти шиори «Аз ношир – ба китобхон» баргузор хоҳанд шуд.

– Китоб асрҳои аср, сарфи назар аз табаддулоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, асолату бузургии хешро пойдору устувор медорад. «Ин китоб ба ман маъқул нашуд», – гуфтани ин ё он шахс баҳонае беш нест. Гузаштагони дурандеши мо китобро муқаддас дониста, дар рафу сандуқҳо чун гавҳараки чашм нигоҳ доштаанд. Ҳамарӯза аз бозору дуконҳо барои таъмини фарзандону рӯзгор сару либос ва хӯрокворӣ мехарем. Хуб мешуд, ки дар қатори онҳо ба дукони китоб низ сар халонда, ду-се дона китоб харем, – гуфт дар баромади худ раиси Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон Сироҷиддин Сайид.

Воқеан, шукӯҳу манзалати соҳибкитоб ҳамеша баланд буд ва баланд мемонад. Ҳар як китоб сарфи назар аз замони эҷод, раҳнамо ва калидест барои дарёфти мақом ва ҷойгоҳи инсон дар ҷаҳони муосир.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

Ба пешвози 80-солагии Ғалаба

# ИРОДАИ МАТИНИ БОБОИ ШОҲИМАРДОН

***Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, ки аз 22 июни соли 1941 то 9 майи соли 1945 давом кард, дар таърихи башарият ҳамчун мудҳиштарин ҷанг ба қайд гирифта шудааст. Он бо ғалабаи мутлақи лашкари Иттиҳоди Шуравӣ бар болои фашизми хунхор анҷом ёфт. 9 майи соли ҷорӣ ба ин Ғалабаи оламшумул бар фашизми Олмон 80 сол пур мешавад. Дар ин ҷанги хонумонсӯз, агар миллионҳо нафар ҷони худро қурбон карда бошанд, аксари аз ҷанг зиндабаргаштагон низ тӯли ин 80 сол яке паси дигар ин дунёи фониро тарк менамоянд. Дар вилояти Сурхондарё танҳо ду нафар дар қайди ҳаёт буда, нафаре аз онҳо сокини деҳаи Дарбанди ноҳияи Бойсун – Шоҳимардон Ҳамроеви 103-сола мебошад.***



Ман бо ин марде, ки корнамоиҳояш дар ҷанг беназир асту фаъолияти меҳнатиаш низ ибратангез, борҳо ҳамсуҳбат шудаам. Ҳанӯз дар овони мактабхонӣ, ки бо касби омӯзгорӣ шуғл меварзиду дар рӯзҳои ҷашни Ғалаба бо сару либоси идонаи пур аз нишонҳо омада, ба мо аз хотироти ҷанг нақлҳо менамуд, аз суҳбати пурэҳтироси ӯ баҳрamand мешудам ва дар боби корнамоиҳои ӯ дар майдони ҳарбу меҳнат мақолаҳо низ дарҷ намудаам. Ҳаёти ӯ саросар қаҳрамонист ва меарзад китобе шавад. Барои ман боиси ифтихор аст, ки ӯ на танҳо ҳамдеҳа, балки хеш (шаҷараи мо якест) ҳам ҳаст. Инак, боз сӯйи ӯ мешитобам, то аз аҳволаш хабар гирам, бо 80-солагии Рӯзи ғалаба, ки анқариб ҷашн гирифта мешавад, табрик гӯям, аз суҳбаташ баҳраманд шавам. Раҳораҳ меандешам, ки оё ин дафъа ӯ маро мешинохта бошад, охир заъфи пирӣ хотираро сол то сол заиф мегардонад. Ҳанӯз дар ҷашни 100-солагиаш, ки бо хатнасури наберааш якҷо таҷлил гардид, ӯ маро хуб шинохта буд. Инҷониб, ки дар он ҷашни мавлуд ровии давра будам, аз мавҷи кафкӯбиҳо ва суханони табрикотӣ, ки нисбати ин марди бошараф гуфта мешуданд, бори дигар идрок кардам, ки фидоии халқу Ватан ҳамеша қадру қимат дораду корномаҳояш вирди забонҳост ва ҳеч гоҳ фаромӯш нахоҳад шуд.

Чун ба хонаи ӯ қадам ниҳодам, писараш – Беҳрӯз маро гарм истиқбол намуда, назди падар ҳидоят кард. Баъди салому алейк ва ҳолпурсӣ Шоҳимардонбобо сӯям муддате нигоҳи ҳайрат дӯхт. Гумон кардам, ки маро нашинохт, худро шиносонидам. Дар чеҳраи пурожангаш, ки асари айёми ҷанги ҷаҳонӣ ва баъдӣ дошт, хурсандӣ ҳувайдо гардиду дурудароз маро дуо кард. Имрӯзҳо ба аёдати ӯ аз ҳар гӯшаву канори кишвар намояндагони расмии давлат, вазорати мудофиа, журналисту блогерҳо меоянд, аз ҳолаш хабар гирифта, ҳамсуҳбат мешаванд, мақолаву барномаҳо таҳия месозанд. Охир, сафи чунин қаҳрамонҳо, ки ҷони худро ба гарав ниҳода ба саодати мо сабабгор шудаанд, сол то сол кам мешавад. Ба қадри онҳо расидан ҳам қарзу фарз ва ҳам вазифаи муқаддаси ҳар кадоми мост.

Шоҳимардон Ҳамроев 15 марти соли 1922 дар деҳаи Дарбанди ноҳияи Бойсун таваллуд шудааст. Падараш – Ҳамроқул устои гулдаст, ҳунарманд ва ошпази моҳири деҳа буд. Ӯро бинобар соҳибҳунари дар деҳа ҳама эҳтиром мекарданд. Инсони халқпарвар, дар замони мушкили пеш аз ҷанг, солҳои ҷанг ва баъди ҷанг ба бисёриҳо парасторӣ намудааст. Модараш – Басандабибӣ низ ҳамчун кадбонуи моҳир миёни занҳои деҳа номвар буд. Шоҳимардон дар чунин як муҳити солими оилавӣ ба дунё омад. Соли 1940 маърифатгоҳи нопурраи рақами 9-уми ба номи Сталинро хатм карда, баъди хатми мактаби 7-сола ба омӯзишгоҳи муаллимтайёркунии Тирмиз дохил мешавад. Мутаассифона, соли 1941 ҷанги хонумонсӯз оғоз гардиду зиндагии мардум садчандон вазнин шуд. Мардон аксар ба ҷанг сафарбар гардиданд. Шоҳимардони ҷавон маҷбур шуд барои кӯмак ба оилааш, ки дар деҳа аз оилаҳои калон маҳсуб мешуд, муваққатан таҳсилро мавқуф гузорад. Зеро ҷанг ба сари ҳама оилаҳо яксон азобу уқубат оварда буд. Ӯ то соли 1942 дар хати роҳи оҳане, ки аз Тирмиз ҷониби кони ангиштти Тӯдаи ноҳия Бойсун бояд кашида шавад, кор кард. Дере нагузашта аз комиссариати ҳарбии ноҳия даъватнома омад. Ҳарчанд синну соли ӯ хурд буд, ба сабаби ҷавони ҳузарб ва шуҷоъ будан, ӯро ба набарди зидди фашистон сафарбар намуданд. Шоҳимардонбобо ҳоло он рӯзҳои мудҳишро чунин ба ёд меорад.

– 29 майи соли 1942 маро ба комиссариати ҳарбии ноҳияи Бойсун даъват карданд. Ҳамроҳи ман боз 28 нафар ҳамдеҳагон буданд. Моро аз назорати тиббӣ гузарониданд, баъд пиёдаву харакӣ то мавзеи Элбаёни ноҳияи Шӯрчӣ омадем. Он ҷо дар лаби канал ҷойгир карданд. Бояд аз Душанбешаҳр эшелоне меомаду моро гирифта мебурд. Пас аз ду рӯз эшелон ҳам омад ва мо савор шуда ба Когони Бухоро расидем. Баъди таом шабошаб роҳамонро давом дода ба шаҳри Тошканд ва баъд ба Қизилӯрдаи Қазоқистон расидем. Моро ба Саратов бурданд. Дар роҳ тақрибан таваққуф намекардем, зеро инро вазъият тақозо мекард. Он шабу рӯзҳо ҷанг шиддат гирифта буд. Дар Саратов гуфтанд, ки моро ба ҷанги шадиди шаҳри Воронеж сафарбар менамоянд. Сарфармондеҳи ин ҷабҳа маршал Ракассовский буд. Ошкоро бояд гӯям, ки овозаи муҳорибаи мудҳиши шаҳри Воронеж ба дили ҳар нафар ларза ва ғулғула меандохт. Ниҳоят, эшелони мо дар шаҳри Воронеж қарор гирифт. Аз вагонҳо фаромадем, ба мо аслиҳаи ҷангӣ доданд, ба взвод, рота ва баталон ҷудо намуда, бо маводи хӯрока таъмин ва ба набард сафарбар карданд. Он рӯз борони бошиддат мeборид, роҳ рафтан хеле мушкил буд, вале мо ба пеш ҳаракат мекардем. Соати панҷи бегоҳ ба қароргоҳе расидем ва каме дам гирифтем. Баъд шабошаб бо фармони командир ба хандаккобӣ шурӯъ намуда, онҳоро бо дарахтон пӯшонидем, то худро аз ҳуҷум ва бомбаҳои душман муҳофизат намоем. Таъкид намуданд, ки ҳушёру зирак бошем, зеро мувофиқи маълумоти разведка ҳамин шаб ва ё пагоҳӣ душман эҳтимол ҳуҷум кунад. Ҳамин тавр ҳам шуд. Ҳанӯз нафас рост накарда, тахминан соати 11-и шаб самолётҳои қиркунандаи немис болои сарамон пайдо шуданд. Онҳо беист бомбаборон мекарданд. Он шаб чизеро дигар дар ёд надорам. Пагоҳӣ маълум гардид, ки аз як рота танҳо 12 нафар зинда мондаем. Ин аввалин задухӯрде буд, ки ман онро бо чашми сар дидам ва ҳеч гоҳ аз хотирам зудуда намешавад.

Шоҳимардонбобо рӯзи нахустини ба ҷанг ворид шудан ва дар ҷанги аввалин ҳалок шудани ҳамяроқонашро ба ёд оварда, маҳзун мешавад ва баъди чанде сукут нақлашро идома медиҳад.

– Пас аз воқеаҳои оншаба моро ба қафо – ба мавзеи Барисо-Глебскии шаҳри Саратов оварданд. Ду моҳ ин ҷо мондем. Ин муддат моро ба муҳорибаи навбатӣ омода намуда, боз бо сару либоси ҳарбӣ, аслиҳаи ҷангӣ таъмин карданд ва баъд ба муҳорибаи шаҳри Калинин оварданд. Ба он ҷо соати 12-и шаб расида омадем. Лозим омад роҳҳои мушкилгузари пуробу ботлоқро тай кунем. Дар ҷойи мувофиқе қарор гирифта, хандақ ва зерзаминҳо кофтем. Охирҳои моҳи сентябр шабе фашистони немис моро сахт бомбаборон карданд. Азбаски шаб буд, ҳеч чиз дида намешуд, болои ин чангу хок, дуду оташ атрофро фаро гирифта буд, танҳо ба гӯшамон садоҳои «сӯхтам!», «об!», «вой!», «очаҷон!» шунида мешуданд. Ин муҳорибаи шадиди шаҳри Калинин буд, ки аз як рота танҳо 4 нафар: се ҷавони рус ва ман зинда мондем. Пагоҳии он рӯз ярадор ва ҳалокшудагонро аз майдони муҳориба берун овардем, зеро Сталин фармон дода буд, ки дар майдони ҷанг ягон захмӣ ва ё фавтидагон монда нараванд. Сад афсӯс, ки дар қатори қурбоншудагон ҳамяроқони ман аз деҳаи Дарбанд низ буданд. Дидани ин лаҳзаҳои мудҳишончунон ба дилам ларза андохт, ки нисбат ба фашистони лаъин нафратам садчандон афзуд. Савганд хӯрдам, ки то нафаси охирин бо душмани ғаддор меҷангам. Акнун бо марг рӯ ба рӯ шудан дар дили ман тарсу ҳаросе эҷод намекард…

Пас аз муҳорибаи шаҳри Калинин Шоҳимардон Ҳамроевро бо чанд нафар аскар ба омӯзишгоҳи ҳарбии Куйбишев оварданд. Ин ҷо мебоист онҳо асрори истифодабарии техникаи ҳарбиро меомӯхтанд. Баъд аз се моҳи омӯзиш онҳоро ба як қисми ҳарбӣ фиристоданд, ки он «полки эҳтиётӣ» ном дошт. Дар чиллаи зимистони қаҳратун барфи баланд борида, ҳаво хеле сард буд. Дар чунин шароит тоқат кардан осон набуд. Аммо Шоҳимардон, ки аз хурдӣ ҷавони пурсабру тоқат ва дар кӯраи зиндагӣ обутоб ёфта буд, сабру тоқат мекард.

– Қариб як моҳ дар полки эҳтиётӣ мондем, – ба ёд меорад он рӯзҳоро Шоҳимардонбобо. – Як пагоҳӣ офтоб, ки баромада буд, моро ба берун баровarda ба ҳар кадом мувофиқи лаёқат яроқу аслиҳаро тақсим карданд. Мо онҳоро ба аробаҳо бор карда, ба сӯйи ҷангали бепоён роҳ пеш гирифтем. Ман дар ин сафари ҷангӣ ҳамчун мутахассиси миномётчии 120 мм ҳаракат доштам. Баъди даҳ рӯз ба майдони ҷанг наздик шудем ва ба муҳорибаи назди Прибалтика ворид гардидем. Ана дар ҳамин ҷо ман аз поям захмӣ шуда, чанд муддат табобат гирифтам.

Шоҳимардони ҷасур баъди шифо ёфтан боз ба майдони ҳарбу зарб мешитобад ва солҳои 1943-1944 дар озод кардани шаҳрҳои Таллин, Рига ва Вилнюс далерона ширкат меварзад.

Шоҳимардон Ҳамроев тӯли се сол (аз 29 майи соли 1942 то 9 майи соли 1945) дар бисёр ҷабҳаҳо далерона ҷангида, чор маротиба сабук захмӣ шудааст ва ҳар дафъа саломатиашро зуд барқарор намуда, боз ба майдони ҷанг баргаштааст. Барои хидматҳояш дар ҷанг бо ордену медалҳои «За отвагу», «Ҷасорат» ва ғайра мукофотонида мешавад. Баъд аз ҷанг дар Донишкадаи педагогии Душанбе таҳсил гирифта, солҳои дароз дар таълиму тарбияи фарзандони халқ заҳмат кашидааст. Барои хидматҳояш бо нишони «Фахрии меҳнат» ва унвони «Аълочии маорифи халқ» қадр гардидааст. Имрӯзҳо бобои Шоҳимардон дар ҳалқаи фарзандону наберагону аберагон, ки аз 100 нафар бештаранд, давлати пирӣ меронад.

Шоймардонбобо хеле шод аст, ки ба дидани рӯзҳои шодибахши истиқлоли кишвар муяссар шуд. Ҳамеша дуо мекунад, ки Ватани ҷоноҷонамон орому осуда бошад ва насли наврас чун фарзандони баркамолу саодатманд ба воя расанд. Аз он шукр менамояд, ки бо инояти Худованди карим иншооллоҳ дидани 80-солагии Ғалабаи пуршараф насибаш мегардад.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**

***Нависанда ва шифокор Ҳабибулло Қодириро ҳамчун муаллифи китоби ёддоштии «Дар бораи падарам» ва «Рӯзҳои вопасини Қодирӣ» мешиносем. Дар ин рӯзҳо ба навишта шудани романи «Рӯзҳои гузашта»-и адиби барҷаста Абдулло Қодирӣ 100 сол пур мешавад. Ба ин муносибат китобе ба унвони «Хотироти зинда» дар арафаи чоп аст, ки ба қалами набераи нависандаи маъруф (писари Ҳабибулло Қодирӣ) Шеркон Қодирӣ мутааллиқ мебошад.***
***Шеркон Қодирӣ дар баробари истифода аз китобҳои падараш ба сифати манбаъ ба баъзе маълумотҳои таърихӣ аниқӣ даровarda ва бо фактҳои ҳаётӣ хотираҳои падарашро пурра намудааст.***

***Муҳаммад ШОДӢ***

# АБДУЛАҲАД ҚАҲҲОРОВ ВА ҲАБИБУЛЛО ҚОДИРӢ

**15 ноябр**

Чанд сол қабл аз ин таҳти сарлавҳаи «Чимён» лавҳае сар карда будам. Имрӯз навиштани онро давом додам. Бегоҳирӯзӣ аз дами дарвоза касе садо кард. Ҷавони ношинос. Баъди ҳолпурсӣ ба дастам номае дод ва гуфт ҷавоб навишта медодаед. Дар мактуб, ки бо ҳуруфи арабӣ буд, чунин қайдҳо ба чашмам афтид: «Мулло Ҳабибулло, ман ҳоло дар Тошканд, дар фурсати бароятон қулай ба манзилатон рафта, ба шумо вохӯрданӣ будам. Ҷавобатонро аз каси номаро гирифта бурда интизор мешавам. А. Қаҳҳоров».

Дар паси нома «Самарқанд дарвоза, проезд Термез, 37» сабт ёфта буд. Ҷавоб навиштам: «Пагоҳ дар вақти дилхоҳатон омадан гиред, интизор мешавам».

Ҷавони ронанда номаро бурд.

Хӯш, А. Қаҳҳоров кист?

Қабл аз ҷавоб додан каме ба пас менигарем.

…Тобистони соли 1967 буд. Ман дар поликлиникаи рақами 10-уми Шайхонтаҳур (ҳоло рақами 16) ҳамчун шифокор хидмат мекардам. Бештар аз сесад нафар донишҷӯёни факултаи геологии Институти политехникии Тошканд дар Бурҷимулло машғулоти амалӣ мегузаронданд. Барои вазъи саломатии онҳоро назорат карда истодан маро ба муддати се ҳафта ба он ҷо фиристоданд. Инро бо мамнунӣ қабул кардам. Метавонистам бо бачаҳоям аз ҳавои кӯҳ серӣ нафас кашем. Бо фарзандонам Хондамиру Шеркон дар соҳили дарёи Чотқол чодар задем.

Аз байн як ҳафта гузашт. Бачаҳоро гузошта, худам ба шаҳр баргаштам. Бояд таҳти мавзӯи «Таърихи навишта шудани романи «Каҷдум аз меҳроб» дар радио баромад мекардам. Ҳамсарам гуфт: «Шуморо се-чор рӯз пеш як каси ношинос аз Тоҷикистон пурсида омад. Ман кай баргаштанатонро ба вай фаҳмондам. Пагоҳ омаданист».

Пагоҳаш он шахс омад. Ба хона даровarda, дасторхон кушодем. Вай марди тақрибан 60-сола, дар асл қӯқандӣ Акбарҷон Тӯхтабоев буда, дар ноҳияи Масчоҳи Тоҷикистон чун сармуҳосиб кор мекардааст. Гуфт: «Як нафар дӯсти тоҷикатон аз Душанбе гуфтанд, ки Ҳабибуллоро ёфта бо худ овар, панҷ-даҳ рӯз омада дам гирифта раванд».

– Он кас кӣ будаанд? – пурсидам.

– Он касро рафта дида, шинос шуда мегиред, ҳозир кӣ буданашонро

гуфтанам лозим набудагист.

Аз табассуми меҳмон фаҳмидам, ки таклиф самимист.

– Таклифатонро сидқан мепазирам, аммо ҳоло дар хидматам, баъди ду ҳафта озод мешавам, – гуфтам ман.

Акбарҷонака ваъда дод пагоҳи рӯзи аз кӯҳ баргаштанам маро омада мебарад.

Бо фарзандонам аз кӯҳ баргаштем. Пагоҳаш Акбарҷон бо мошин омад. Аз корхонаам се рӯз рухсат пурсида, ҳамроҳ бо ӯ роҳӣ шудем. Тӯйтеппа, Пискент, Бӯка барин ноҳияҳоро қафо гузошта, ба Масчоҳ ворид гардидем. Каме дам гирифта, ба Хуҷанд расидем. ГАЗ-21-и сиёҳ моро нигарон буд.

Сафарамон ба сӯйи Конибодом давом намуд. Ба он ҷо расида, ба бинои Шӯрои шаҳр ворид шудем. Ду-се нафар пешвоз гирифтанд. Вақте бо нӯшидани чой куфти роҳ мебаровардем, ба хона марди салобатноки сиёҳҷурдаи тақрибан панҷоҳсола, ки ситорагарм метофт, даромада омад ва ба ман самимӣ ҳолпурсӣ намуд. Ин ҳамон одами маро ба меҳмонӣ хонда, аз дил гузарондам ман.

– Маро нашинохтед, а, мулло Ҳабибулло? – пурсид табассумомез.

– Ростӣ, нашинохтам, – гуфтам бо андак хиҷолат, вале дилам гувоҳӣ медод ӯро дар куҷое дидаам.

Яке аз ҳамроҳон:

– Ин кас раиси Шӯрои Вазирони Тоҷикистон Абдулаҳад Қаҳҳоров мебошанд, – гӯён ӯро шинос намуд.

Кай ва дар куҷо ба он шахс вохӯрданамон ба хотирам расид.

…Солҳои 1940-1941 лозим омада буд дар ДДӮ дар Самарқанд таҳсиламро давом диҳам. Барои қайд ба иттифоқи ҷавонон ба идораи кумитаи ноҳиявӣ рафтам. Абдулаҳад Қаҳҳоров он вақт котиби якуми кумитаи комсомоли ноҳияи Панҷакент буда, он рӯз бо коре ба он ҷо омада будааст. Он рӯзҳо лозим меомад писари кӣ буданамро пинҳон надорам. «Писари фелетончӣ» гуфта писханд мезаданд.

Қаҳҳоров маро ба суҳбат кашид, ягон даҳ дақиқа ҳамроҳ будем.

Аз он вохӯрӣ бисту панҷ сол зиёдтар вақт гузашт. Табиист, ки ман ӯро фаромӯш карда будам. Вале Қаҳҳоров ба туфайли ихлосе, ки ба падарам дошт, хостааст маро ёбад ва суҳбат кунад. Барои ҳамин Акбарҷонакаро фиристодааст.

Маро дар яке аз боғҳои хушҳавои шаҳр меҳмон карданд. Қаҳҳоров аслан конибодомӣ буда ва бо ҳамшаҳрии худ хонадор шуда, барои хабаргирии хешовандон омада, бо ман дар ҳамин ҷо вохӯрданро ба нақша гирифта будааст.

Пагоҳаш баъди наҳорӣ ба Хуҷанд омадем. Қаҳ-ҳоров ҳамсарашро бо самолёт ба Душанбе гуселонд. Акбарҷонака ҳамон ҷо монд, ману Қаҳҳоров бо мошинаш аз Хуҷанд ба Нов, аз он ҷо ба Ӯротеппа, пасон роҳҳои пасту баланди кӯҳпояҳоро тайкунон ба ноҳияи Айнӣ расидем. Мошин куҷое истад, самимона пешвоз мегирифтанд, меҳмон мекарданд. Ҳамин тавр, дар дувоздаҳ соат ба Душанбе расидем. Қаҳ-ҳоров рост ба манзилаш бурд.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

# МАКТАБИ ТОҶИКӢ – СОҲИБИ 100 МИЛЛИОН СӮМ

Мактаби мо аз фаъолтарин дабистонҳои ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё ба шумор рафта, ин ҷо таълиму тадрис ба забони тоҷикист.

Ҷамоаи омӯзгорони дабистон чанд сол аст, ки дар баланд бардоштани сифати таълим талош доранд ва ташаббуси роҳбари давлатро дар ин росто аз дилу ҷон ҷонибдорӣ кардаву дар амал татбиқ месозанд. Дар мактаб 137 хонанда таҳсил мегиранд ва ба онҳо 32 омӯзгори варзида (аз ҷумла, 7 нафар соҳиби тоифаи олӣ, 5 нафар тоифаи якум ва 12 нафар тоифаи дуюм) таълим медиҳанд. Сарварии дабистонро марди фарзона Маҳмаднабӣ Ҳамдамов дар ӯҳда дорад. Боиси хурсандист, ки соли хониши 2024-2025 барои мактаби мо хеле бобарор омад. Дабистон дар байни 106 мактаби ноҳия чун беҳтарин таълим баргузида шуд. Дар озмуни «Беҳтарин мактаб дар таълими забонҳои хориҷӣ» бо касби 63,72 хол ҷойи аввалро ишғол намуд ва соҳиби ҷоизаи сад миллион сӯм гашт. Кунун чун ғолиби ин озмун дар зинаи вилоятии сабқат ширкат варзидаву шарафи ноҳияро ҳимоят хоҳад кард. Агар дар миқёси вилоят ғолиб гардад, соҳиби ҷоизаи пулии дусаду панҷоҳ миллион сӯм хоҳад шуд.

Дар мактаб аз забонҳои хориҷӣ танҳо забони англисӣ таълим дода мешавад. Омӯзгори фан Сайлав Чалаев муаллими дорои тоифаи олии омӯзгорӣ буда, сертификати байналхалқии забони англисии «IELTS»-ро ба даст овардааст. Заҳматҳои ин омӯзгори варзида буд, ки мактаб дар миқёси ноҳия маъруф гардид ва шогирдони он аз беҳтарин донандагони забони хориҷӣ эътироф гаштанд.

Ҷоиз аст, ки ба тавфиқи дигари шогирдону омӯзгорони дабистон назаре афканем. Ба қарибӣ дар мактаби мусиқӣ ва санъати бачагонаи рақами 5-уми ноҳия дар байни донишомӯзони мактабҳои миёнаи қаламрав сабқате таҳти унвони «Ҷавонони эҷодкор» баргузор гардид ва мактаби мо дар номинатсияи «Беҳтарин сароянда» сазовори ҷойи аввал шуд. Қайд кардан бамаврид аст, ки Нозима Раҷабова дар санаҳои 24-26-уми марти соли 2023 ба фестивали байналхалқии «Золотой фенис», ки дар Русия баргузор гардида буд, ширкат варзида, ба гирифтани дипломи дараҷаи якум ноил гашт ва барои иштирок дар конкурс-фестивали байналхалқии «Музикалный дистилайн» роҳхат гирифт.

Аз ин пеш ҳам мактаби мо аз рӯйи рейтинг дар байни дабистонҳои ноҳия дар сафи пеши раддабандӣ қарор дошт. Аз ҷумла, аз рӯйи нишондоди ба таълимгоҳҳои олӣ дохил шудани донишомӯзон дар ноҳия пешсаф буд ва бо ин васила дар амал исбот сохт, ки хонандагон мактаби тоҷикиро хатм карда низ метавонанд дар донишгоҳҳои кишварамон бидуни мушкилие дохил шаванд. Фикри волидон дар робита ба бартарии мактабҳои таълимашон ба дигар забонҳо назар ба дабистонҳои тоҷикӣ бепояву беасос баромад. Ҷамоаи омӯзгорони мактаб бори дигар исбот намуданд, ки агар дабистон мутахассисони баландпоя дошта бошад, ба натиҷаҳои дилхоҳ мушарраф мешавад. Нуқсон дар забони таълим набуда, балки дар мутахассисони соҳа, яъне омӯзгорон аст, ки худ дар чӣ поя саводи комил доранд.




Шогирдони мо дар озмунҳои фаннӣ низ ширкати фаъол доранд. Соли равон чанде дар озмунҳои ноҳиявию вилоятӣ иштирок карда, ҷойҳои намоёнро соҳиб гаштанд. Масалан, ду хонандаи синфи 9-уми мактаб дар озмуни ноҳиявӣ аз фанни забон ва адабиёти тоҷик ғолиб омадаву дар зинаи вилоятии сабқат ширкат варзиданд ва ҳайати доварон дониши мукаммали онҳоро сутуда, дар қатори беҳтарин хонандагон ҷой доданд. Иброҳим Элбегиев сазовори ҷойи аввал ва Манижа Ҷӯраева ҷойи дуюм гаштанд.

Ҳамчунин боиси хурсандист, ки омӯзгори мактаб Амиралӣ Сунниев дараҷаи баландтарини (A+) сертификати миллии фанни кимиёро ба даст овард. Ин натиҷаи заҳматҳои шаборӯзии як омӯзгор аст, ки қадр ёфт ва дониши баландаш аз фанни мазкур эътироф шуд. Акнун ӯ дар давоми 3 сол 20 дарсад иловапулӣ хоҳад гирифт. Шогирди ӯ хонандаи синфи 10 Ҳумоюн Холиқулов низ аз пайи устоди худ гом ниҳодаву муваффақ гашт. Шаҳодатномаи миллии дараҷаи С-и фанни кимиёро соҳиб шуд ва холҳои муайяни қобили қабули донишгоҳро ба даст овард. Донишомӯз Шохрух Абдумӯъминов аз фанни математика шаҳодатномаи дараҷаи В-ро соҳиб гашт. 5 нафар донишомӯзон аз фанни забони англисӣ ва 6 нафар аз фанни кимиё барои ба даст овардани сертификатҳо ариза супоридаанд ва рӯзҳои наздик аз санҷиш хоҳанд гузашт.

Бояд гуфт, ки ин талош ва комёбиҳои ҳайати омӯзгорону хонандагони мактабҳои тоҷикӣ дар ноҳияи Деҳқонобод касро рӯҳбаланд ва ҳисси ифтихорро дар дилҳо бедор месозанд.

**Тӯйчӣ ЧОРИЁРОВ,**
**омӯзгори фанни забон ва адабиёти мактаби таълими умумии рақами 87-уми ноҳияи Деҳқонобод.**

***Дар 77 маҳаллаи мансуби тоифаи вазнини вилояти Сурхондарё дар доираи барномаи «Аз камбизоатӣ ба сӯйи фаровонӣ» корҳои васеъмиқёс амалӣ мегарданд. Яке аз онҳо маҳаллаи «Тоғай Мурод»-и ноҳияи Олтинсой ба шумор меравад.***

# ТАШАББУСҲОИ НАВ ДАР РОҲИ КОҲИШИ КАМБИЗОАТӢ

Ҳокими вилоят У. Қосимов аз ин маҳалла дидан карда, бо корҳое, ки иҷро мешаванд, шинос шуд ва ба як қатор ташаббусҳои нав оғоз бахшид. Аз ҷумла, масъалаи ба роҳ мондани лимӯпарвариро дар 200 хонавода омӯхта, ба 100 хонавода 100-тоӣ мурғ тақдим гардид.

Ҳамчунин, бо фаъолияти Мингул Насриддинова дар самти парвариши ниҳол ва гулҳои ороишӣ дар замини наздиҳавлигӣ шинос шуда, аз корҳое, ки ҷиҳати беҳтар намудани низоми обёрӣ, насби стансияи насосӣ ва бетоникунонии ҷӯйҳо амалӣ мешаванд, дидан карданд.

Ҳокими вилоят дар ифтитоҳи бинои нави маҳаллаи Хӯҷасоати ноҳия низ иштирок карда, бо корҳое, ки аз ҷониби ҳафтгонаи маҳалла бо мақсади таъмини иҷрои барномаҳои давлатӣ амалӣ гардидаанд, шинос шуд.

Сипас, дар майдони 10 гектарии маҳаллаи Мингчинор корҳои сохтмони маҷмааи гармхонаҳо дар асоси кооператсия оғоз ёфтанд.

Ин лоиҳа аз ҳисоби 1,3 миллион доллар кредитҳои имтиёзнок амалӣ шуда, бо истифода аз таҷрибаи деҳқонони маҳаллӣ бо усули сарфакорона сохта мешавад. Пас аз татбиқи лоиҳа ташкили 200 ҷойи нави корӣ пешбинӣ шудааст.

**Сурайё НОРМАНӢ,**
**муҳаррири Ширкати симо ва садои вилояти Сурхондарё.**

# АБДУЛАҲАД ҚАҲҲОРОВ ВА ҲАБИБУЛЛО ҚОДИРӢ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Бо хоҳиши худам шабонгоҳ дар рӯйи ҳавлӣ ҷой андохтанд. Барвақт хестам. Дигарон ҳанӯз хоб. Ман беихтиёр воқеаҳои гузашта, суханҳои самимӣ ва дуоҳои дар ҳаққи падарам изҳоршудаи халқи одиро ба хотир овардам.

Шахси солхӯрдае бо эҳтиёт ҳавлиро рӯфт ва баромада рафт. Милитсионере оҳиста даромад ва рӯзномаю маҷаллаҳои овардаашро ба болои мизи рӯйи ҳавлӣ гузошт ва пас гашт. Ҷавони сафедпӯше дар сабад нон овард. Баъд Маликаапа маро ба нонушта таклиф намуд.

Баъди наҳорӣ бо хоҳиши худам маро ба дигар ҷой «кӯчонданд» – ба боғи Кумитаи Марказӣ. Ман дар он ҷо як ҳафта истиқомат кардам. Қаҳҳоров ҳамроҳ ба зиёфатҳо мебурд. Бо хеле ходимони роҳбарикунанда, нависандагон ва олимон шинос шудам. Баъди бозгашт таассуротамро дар хотираҳои роҳи очеркнамои «Янтоқ–Масчоҳ–Бӯстон» баён намудам...

Қаҳҳоров бегоҳирӯзие маро ба беморхона бурд. Дар он ҷо адиби куҳансоле (хато накунам Боқӣ Раҳимзода) муолиҷа мегирифтааст. Қаҳҳоров моро шинос кард. Ҳамроҳ каме гардиш намудем. Шоир гуфт: «Падаратон ба маънои том яке аз зиёиҳои даври худ буданд. Аз чӣ иборат будани вазифаи адабиёти бадеиро пурра мефаҳмиданд».

Қаҳҳоров се духтар (Мамлакат, Назира, Наима) ва ду писар (Абдурашид ва Абдураҳим) дошт. Ҳама соҳиби маълумоти олӣ ва соҳиби касбҳои гуногун. Наима Қаҳҳорова дар ифоданок хондани шеър нотакрор буд.

Ҳамин тавр, дӯстиамон бо Қаҳҳоров давом мекунад. Ғайр аз сафари зикршуда ду маротибаи дигар ба Душанбе рафта, меҳмони Қаҳҳоров шуда баргаштам. Дар тӯйи арӯсии духтари хурдии хонадон Наима иштирок кардам. Ба Қаҳҳоров мегуфтам: «Агар ба Тошканд гузаратон афтад, албатта, ба меҳмонии мо биёед!»

Ана, дар хусуси омадани он меҳмони азизи тоҷикистонӣ огоҳ шудам.

### 16 НОЯБР

Тахминан дар соати дувоздаҳ Қаҳҳоров ва рафиқааш Маликаапа ба хонаамон омаданд. Бо аъзои хонадони мо шинос шуданд. Қаҳҳоров акнун фарбеҳу тозатар ба назар мерасид. Ин шояд асари сабукдӯшӣ аз вазифа ва «камташвиштар» шудани ӯст...

### ИЛОВАИ ПИСАРИ МУАЛЛИФ

Баъди ҷанг 29 майи соли 1945 падарамонро «Писари душмани халқ» гуфта гирифта мебаранд. Даҳ сол ҳабс мекунанд. Абдулаҳад Қаҳҳоровӣ дар ибтидои солҳои чиҳилум бо падарам шиносшударо бошад, вазифаҳои баланд интизор будаанд. То дараҷаи раиси Шӯрои Вазирони Тоҷикистон мерасад. Вале бинобар ихлоси баландаш ба бобоям падарамонро фаромӯш намекунад. Баъди озодӣ падарам дар бораи падари худ мақолаҳо менависад. Онҳоро Қаҳҳоров мехонад...

Соли 1967 падарамон аз Душанбе бо тӯҳфаи Қаҳҳоров – радиои дастии «Спидола» бармегардад. Он асно на ҳар кас чунин радио дошт. Тӯҳфа аз инсони азизро ҳануз дар хона нигоҳ медорем ва истифода менамоем.

Рӯзе «Қаҳҳоров ба хонаамон меомадааст»-ро шунида, ману падарам бо сабукравамон ба аэропорт рафтем. Дар толори интизорӣ ба шахси салобатноке дучор омадем ва яқин кардем ӯ низ ба истиқболи Қаҳҳоров баромадааст.

Қаҳҳоров аввал бо мо, сонӣ ба он шахс вохӯрд. Падарам ба ман нигоҳи маънидор афканд...

Дар бозгашт Қаҳҳоров ба сабукрави мо, падарам ба «Волга»-и он одам нишастанд. Пурсидам:

– Абдулаҳадака, он одам кист?

– Дӯсти дерини хуҷандиам Ҷӯрабой Ашуров, – гуфт меҳмон.

– Чаро он касро овора кардед?

– Мошин хариданатонро намедонистам.

Қаҳҳоров баъди сабукдӯшӣ аз вазифаи баланд чун роҳбари Идораи давлатии бойгониҳо фаъолият мебурд. Вале мисли пештара эътибор дошт, ки ин бесабаб набуд, албатта.

Вақте вафот кард, ҳамроҳ бо падарам фотиҳахонӣ рафтем. Хонадон дар ҳавлии рақами 7, кӯчаи Саидқул Турдиеви шаҳри Душанбе мавқеъ дошт. Баъди вафоти Қаҳҳоров ҳам солҳои зиёд ҳавлии онҳоро милитсионерон посбонӣ мекарданд. Иқоматгоҳ гулзори муҳташамро мемонд. Гусфанд ҳам бонӣ мекардаанд дар ҳавлӣ.

Вақте падару модарам меҳмонӣ рафтанд, Қаҳҳоров дар оташдон худаш оши дастӣ мепухтааст. Назар ба ёдкарди модарам, ба дег равған рехта, Қаҳҳоров бо падарам дурудароз суҳбат мекардааст. Равған кайҳо ширин шудааст, вале гуфтугӯи дӯстон беохир. Маликаапа ба онҳо наздик шуда ба тоҷикӣ:

– Ээй! Шиками меҳмонҳо гурусна шу-у-д! – мегуфтааст мадкашон.

Ба назди падарам баргашта, табассумомез даҳон мекушодааст:

– Гапи мо, занҳо, тамом мешаваду гапи мардҳо ҳеч тамом намешавад!

Назар ба нақлҳо, вақте Қаҳҳоров ба вазифаи баланд гузашт, ходимон:

– Шумо акнун ба хонаи ҳукумат бикӯчед, – гуфтаанд.

– Вақташ омада, аз вазифа равам, хонаатонро холӣ карда медиҳам?

– Ҳа.

– Ин тавр бошад, дар хонаам зиндагӣ кардан мегирам...

Маликаапа, зани сода ва хоксори конибодомӣ, хеле меҳнатӣ буда, аз хидматкор истифода намебурдааст. Вақте ба бозор рафт ва барои харид ба навбат истод, шиносҳо «шумо бенавбат гиред» мегуфтаанд бо эҳтиром, аммо розӣ намешудааст.

Қаҳҳоров ба кори ҳукумат пиёда мерафтааст. Корафтодагон раҳораҳ арзи худ баён кунанд, ҳаракат мекардааст ҳануз ба идора нарасида, мушкилоти онҳоро ҳал кунад.

Писари дувуми ӯ корманди корҳои дохилӣ будааст. То бозгашти Абдураҳим падар чароғро накушта, ӯро интизор мешудааст...

Нақл мекунанд, солҳои ноороми дар Тоҷикистон тӯдаи силоҳнок ба ҳавлӣ зада медароянд, вале чизе ба хотири ошӯбгарон расида, «аз ин хона касе норизо берун набаромадааст», гӯён баромада рафтаанд.

Падарамон дар бораи Қаҳҳоров ин тавр гуфта буданд: «Абдулаҳадака ихлосманди адабиёт буд, бисёр мутолиа мекард. Аз навигариҳои матбуоти тоҷик, ӯзбек ва рус ҳамеша хабардор. Одами ба корҳои давлатӣ ҳамин қадар банд ба мутолиаи ин қадар асарҳо бо забонҳои гуногун чӣ тавр вақт пайдо мекард, ман ҳайрон. Ӯ ҷуз ин бо тоҷикиву ӯзбекӣ шеърҳо менавишт. Ду китобашро («Дарё фақат ба пеш меравад» ва «Роҳҳо») ба ман тақдим карда буд...»

Инсони дилёб ва меҳрубоне буд Қаҳҳоров. Ҳар ид табрикнома мефиристод. Хидматчиаш Акбарҷонакаро таъин карда буд аз ҳоли хонадони мо хабар гирифта истад.

Соли 1974 Қаҳҳоров ба тӯйи сунатии додарчаам Ирфон омада натавониста, ба ҷояш Акбарҷонакаро фиристода буд.

Соли 1981 вақте падарамон бародарам Хондамирро хонадор мекарданд, Абдулаҳадака омад. Баъди тӯй дар байни ҳамсоягон гап паҳн мешавад, ки «ба тӯйи Ҳабибулло Шарофака омад». Ҳақиқатан ҳам намуди зоҳирии Қаҳҳоров то андозае ба Рашидов монанд буд.

Қаҳҳоров ба эҷоди бобоямон ин тавр баҳо додааст: «Асарҳои Абдулло Қодирӣ маро ба худ асир кардааст. Батакрор мехонам, вале зиқ намешавам. Баръакс, роҳат мекунам. Одамҳои ба осори Қодирӣ эътироз мекардаро (лекин ман онҳоро дучор наомадаам) бесаводҳои адабиётро намефаҳмида меномам. Ҳама, ҳатто рафиқони русамро даъват менамоям, ки асарҳои Қодириро хонанд. Фикр мекунам, назар ба ӯзбекон тоҷикҳо бештар Қодириро медонанд».

**Шеркон ҚОДИРӢ.**

*Машъалони маориф*

# ШАРАФМАНДИ ДУ ОЛАМ БОШАД УСТОД...

***Аз падар гар қолаби тан ёфтем,***
***Аз муаллим ҷони равшан ёфтем.***

Омӯзгор шахсест, ки дар таълим ва тарбияи насли наврас нақши бузург дорад. Ӯ на танҳо дониш медиҳад, балки инсонро ба роҳи рост ҳидоят мекунад. Хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, фарҳангӣ ва ахлоқиро меомӯзонад. Ҳар яки мо дар кадом вазифаву лавозим набошем, замоне аз устод-омӯзгорон таълиму тарбия гирифта, гоҳо ба ҷиҳатҳои муфиду хислатҳои неки онҳо дар зиндагӣ пайравӣ мекунем.

Вақте сухан дар бораи устод меравад, беихтиёр пеши чашмам солҳои донишҷӯиям меояд. Соли 1996 баъди хатми мактаби миёна ҳуҷҷатҳоямро ба Донишкадаи педагогии вилояти Тошканд супоридам ва ба бахти донишҷӯйӣ мушарраф гардидам. Аз он давр хотираҳои нек боқӣ мондааст... Роҳбари гурӯҳамон устод Баҳриддин Муҳиддинов буданд. Дар аввал устодро ҳамчун муаллими одӣ, чун дигар омӯзгорон қабул кардем, лекин муддате нагузашта донистем, ки меҳри ин инсон баҳри беканореро мемонад. Он кас аз фанҳои педагогика ва психология сабақ меомӯхтанд. Лаҳзаҳои дарсгузарии устод ҳанӯз пеши назар аст. Дар дарс фикру ақидаҳои адибону педагогҳои машҳурро истифода мебурданд. Адиби машҳури рус Лев Толстой гуфтааст: «Муаллим шогирдонашро бояд чун фарзанди худ аз дилу ҷон дӯст дорад». «Агар муаллим касбашро дӯст дорад, ӯ омӯзгори хуб, агар хонандаро чун падару модар дӯст дорад, аз муаллими аввала беҳтар ва агар ҳар дуи ин хусусиятҳо дар ӯ муҷассам бошад, дар он ҳолат вай муаллими мукаммал аст...»

Устод Б. Муҳиддиновро аз ҷумлаи муаллимони мукаммал меҳисобам. Азбаски донишкада дар шаҳри Ангрен ҷойгир буду худ сокини деҳаи Бурҷимуллои ноҳияи Бӯстонлиқ будам, аз сабаби дурии роҳ мо – донишҷӯён моҳе, ё дар ду-се моҳ як бор хона мерафтем. Албатта даври донишҷӯйӣ лаҳзаҳои ширин ва баробари ин ташвиши ба худ хосро дорад. Як рӯз «бардам» дигар рӯз...

Устод дар ҳамон рӯзҳои «буду нобуд»-и мо доим ғамхорӣ мекарданд. Дар он айём на телефони ҳамроҳ буду на картаҳои пластикӣ. Боре баъди семестри якум як ҳафта таътил доданд. Дил ба хона кашолу киса холӣ. Бо сад хиҷолату сари хам пеши устод рафтам. Гапро кашол дода ба мақсад гузаштам.

– Э, Моҳираҷон, ин чӣ гап, ҳоҷати хиҷолат не, мо ҳам замоне донишҷӯй будем, ин ҳолат аз сари мо ҳам гузаштааст, – гуфтанду роҳкиро доданд. Ва он рӯз бо мамнуният ба оғӯши волидон расидам. То ба зодгоҳам расидан шукр мегуфтам, ки хайрият чунин инсонҳо ҳастанд ва ба устод меҳру ҳурматам зиёдтар мегардид. Шоира Саодат Сангинова барҳақ гуфтааст:

*Шарафманди ду олам бошад устод,*
*Аниси ҷумла одам бошад устод.*
*Ба шогирдон бубахшад ҷисму ҷонаш,*
*Саховатпеша, Ҳотам бошад устод.*

Боз як ҷиҳати муҳими фаъолияти омӯзгорӣ он аст, ки муаллим бо хонанда бояд мулоқоти дӯстона дошта бошад. Мо дар гурӯҳ 19 нафар будем. Ҳама устодро ҳурмат мекардем, дӯст медоштем. Устод низ бо мо фарзандвор муносибат мекарданд. Рӯзе мо, мусофир–донишҷӯёнро ба хонаашон ба меҳмонӣ даъват намуданд. Бо аҳли оилаашон шинос карданд. Ҳамсарашон – холаи



Бибинисо ҳам моро бо чеҳраи кушод пешвоз гирифтанд. – Туро дар қатори фарзандонам мебинам, – гуфтанд хола. Баъд аз он зуд-зуд дар рӯзҳои истироҳат ба хонаи хола (худашон хоҳиш карданд) мерафтам. Баъди хатми донишкада низ равуоро давом додем. Падару модарам онҳоро ҳамчун хеши наздик қабул карданд. Ҳар вақт ёдрас мекарданд, ки аз ҳолашон хабар гирам. Дар рӯзи тӯйи арӯсиам устод Баҳриддин Муҳиддинов бо Бибинисохола ба хурсандии мо ҳамроҳ шуданд. Таваллуди фарзандонамро чун бобову бибиҷон бо тӯҳфаҳо истиқбол мегирифтанд.

Шояд ин гуфтаҳо барои дигарон як афсона намояд, лекин бароям лаҳзаҳое буданд, ки фаромӯшнопазир. На ҳар кас ба бегонагон чунин ғамхорӣ мекунад. Солҳо сипарӣ шуданд, бо фаъолияти педагогӣ ва корҳои оилавӣ андармон шуда, аёдати эшонро камтар ба сонитар гузоштам.

Устоду холаам: – Акнун худамон ба роҳ баромаданӣ будем.

Чӣ шуда бошад ба Моҳираи мо гуфта, хавотир кашиданашонро изҳор намуданд. Бо аҳли оилаашон суҳбат карда, давраҳои гузаштаро ба ёд овардем. Минбаъд зуд-зуд хабар мегирам, набераҳоятон калон шуданд, шумо ҳам гузаред тарафҳои мо, гӯён хайру хуш кардам.

– Ҳавои Бурҷимулло салқинтар, насиб бошад, тобистон ҳамроҳи холаат меравем,– гуфтанд устод. Даври донишҷӯйӣ аз як автобус ба дигараш савор шуда, ними рӯзамон дар роҳ мегузашт. Ҳоло мошини сабукрав дар як дам роҳи ҳамвори Ангрен – Тошкандро пас гузошта, роҳи зодгоҳамро пеш мегирад. Дар бозгашт боз хаёлам ба даври донишҷӯйӣ баргашт. Он лаҳзаҳо чун тасмаи кино як-як аз назар мегузашт. Вақти таҳсил дар донишкада устод доимо мегуфтанд, ки «Фаромӯш накунед, агар шифокор бесавод бошад, ҳаёти инсон дар хавф мемонад, агар омӯзгор бесавод бошад, ба ҷамъият завол меорад». Барои ҳамин муаллим бояд доим дар омӯзиш бошад, болои худаш кор кунад, пайваста дар ҷустуҷӯ бошад:

*Шамъ шудӣ, шӯъла шудӣ, сӯхтӣ,*
*То ҳунаратро ба мо омӯхтӣ.*

Ҳоло устодам даври пирӣ меронанд. Мефахрам, ки аз чунин устодон таълиму тарбия гирифтаам. Аз оне, ки донишкадаро хатм кардам, 25-сол гузаштааст. Ҳоло худам низ омӯзгорам. Кӯшиш мекунам, ки ба шогирдонам чун Баҳриддин Муҳиддинов таълиму тарбия дода, аз усулҳои педагогии устод истифода барам. Гоҳо бо худ меандешам, ки худам барои шогирдон устод шуда тавонистам? Аз дили шогирдонам ҷой гирифтам?

**Моҳира МИРСАМИЕВА,**
**директори мактаби таълими умумии рақами 41-уми ноҳияи Бӯстонлиқ.**

*Акси садо*

# ХАТ ҒАЛАТ, НОМҲО ҒАЛАТ...

***8-14 феврали соли равон дар байни шаш мактаби тоҷикии вилояти Ҷиззах бо мақсади муайян кардани мактаби фаъолу пешқадам пурсишнома гузаронида шуд. Дар ин назарсанҷӣ мактаби таълими умумии рақами 13-уми ноҳияи Фориш ҷойи якумро ба даст овард. Бояд гуфт, ки ин мактаб дар деҳаи Порашт – зодгоҳи шоири шодравон Ҷонибеки Қувноқ ҷойгир аст.***

Дар бораи вазъият, ҳолат, муваффақият ва мушкилоти мактаб мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Ҷиззах Ӯзбакбойи Раҳмон мақолае бо номи «Порашт бошад макони аҳли фарҳанг» («Овози тоҷик», 19 марти соли 2025, № 23) навишт. Муаллиф ба қадри имкон дар бораи маънои деҳа, фарзандони обрӯманди он, омӯзгорону шогирдони мактаб маълумот додааст. Аммо ному насаби баъзе омӯзгорон, шогирдон ва роҳбарони гуногуни соҳа нодуруст навишта шудааст.

Ном ва насаби баъзе омӯзгорони марҳум, аз ҷумла номи бародари Ҷонибек Қувноқ – Холибек Қувноқов дар шакли Олибек, насаби Тағоймурод Авалбоев чун Авазбоев омадааст.

Муаллифи мақола дар бораи омӯзгори фанни таърихи мактаб Нурҷон Ярашев маълумот дода, таъкид кардааст, ки: «Рамзиддин Умаров дар факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд таҳсил» мегирад. Аммо дар деҳа бо ин ном касе вуҷуд надорад ва ҳоло низ нест.

Хуб мешуд муаллиф дар бораи ҷойҳои таърихии деҳа низ маълумот медод.

Солҳои 90-ум хабарнигори ҷамоатии «Овози тоҷик», омӯзгор, сокини ноҳияи Мирзочӯл, зодаи деҳаи Порашт Раҳимшоҳи Шарифзода дар бораи гузаштаву имрӯзаи мактабу деҳ бо номи «Мактаби Ҷонибек» лавҳае нигошта буд. Дар он чунин сатрҳоро метавон хонд:

«Дар деҳаи Порашт мактаби аввалини шӯравӣ солҳои 1927-28 ташкил шудааст. Ин мактаб аввал аз се синф иборат буд. Пас аз чанде ба туфайли халалрасонии бойҳо ва муллоён мактаби аввалин пӯшида мешавад.

Соли 1930 баъд аз ташкил шудани колхоз, дар деҳа аз нав мактаби ибтидоӣ кушода мешавад. Ба мактаб муаллим Қазоқбой Нурматов сарварӣ мекунад. Аз деҳа низ баъзе саводнокҳо ба кор ҷалб карда мешаванд. Мактаб бо забони тоҷикӣ (ҳуруфи лотинӣ) корро сар мекунад. Аз соли 1935 мактаб ҳафтсола мешавад. Дар он аз фарзандони маҳаллӣ Милтиқбой Муродов, Элмурод Пирматов, Шоҳмурод Солиев, Ғайрат Шаҳаров ва Бобо Қуттиевҳо муаллим шуда кор кардаанд. Соли 1940 таҳсили мактабро ба ҳуруфи русӣ (кириллӣ) мегузаронанд.

Соли 1943 ба мактаб Муллошафеъ Ҷӯраев директор таъин мешавад. Аз соли 1944 сар карда, аз деҳа Эргашбой Азизов, Ҳасанбой Эргашев, Анор Азизова, Мусурмон Ёбосаров ва Башорат Ҷӯраева низ бо омӯзгорӣ машғул мешаванд. Солҳои 1950-1960 дар мактаб Олимбой Қучқоров, Эргашбой Азизов, Пӯлод Мансуров ва Одил Ҷӯраев директорӣ, аз кадрҳои маҳаллӣ Абдулло Тӯев, Пардабой Завқиев, Мирзо Раҳимов ва дигарон муаллимӣ кардаанд. Соли 1961 мактаби ҳафтсола ба ҳаштсола табдил дода шуда, номи Н.К. Крупскаяро гирифтааст. Аз соли 1961 то соли 1963 Даврон Қуттиев, аз соли 1964 то соли 1967 Маҳкамбой Назаров ба ҳайси директор кор кардаанд. Дар ин вақт аз омӯзгорон Холибек Қувноқов, Қувват Қуттиев, Акабой Ҷумъаев, Нормурод Завқиев ба талабагон таълим ва тарбия додаанд.

Аввалин муаллимони соҳиби маълумоти олии деҳа Абдумурод Назаров, Раҳоқул Милтиқов ва Шодравон Ҷонибек Қувноқов буданд. Соли 1968 таълимгоҳ ба мактаби миёна табдил дода шуда, номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро гирифт ва ба бинои дигар (ҳозира) кӯчид. Мактаб дар ин давр бо кадрҳои худӣ таъмин шуд. Нахустин хатмкунандагони мактаби миёна (соли хониши 1971-72) 13 нафар буданд.

...10 ноябри соли 1991 ба мактаб номи шоири шодравон Ҷонибек Қувноқ дода мешавад.» (Ниг. «Мактаби Ҷонибек», «Овози тоҷик», 1 октябри соли 1997).

Барилова аз рӯйи гуфта ва навиштаҳо аввалин муаллими мактаб фарзанди эронитабори ҷиззахӣ Иброҳим Мустафоқулов буда, ҳамчунин аз деҳаи Синтаб Давлат Тӯхтаев (падари шоир Паймон) низ ба мактабҳои ин деҳа, аз ҷумла Порашт омада дарс гуфтаанд.

Чанд сол боз сарварии мактабро Сарибой Ярашев бар ӯҳда дорад.

Ҳангоми навиштан набояд ба саҳлангорӣ роҳ диҳем. Зеро ҳарфу хати ғалати мо хонандагонро гумроҳ мекунанд.

**Собир ЭРГАШЕВ,**
**омӯзгори собиқадор аз ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах.**

*Китоби нав*

# АСАРИ АРЗИШМАНД ДАР БОРАИ ҶАДИДОНИ САМАРҚАНД

Чанде пеш дар нашриёти «Маҳорат» ҷилди якуми китоби публитсисти шинохта, омӯзгори собиқадор, узви Иттиҳоди журналистон ва Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон Ҳамза Ҷӯра бо номи «Ҷадидони Самарқанд» чоп гардид.

Дар ин китоб сухан дар бораи рӯзгор ва осори дувоздаҳ ҷадиди шинохтаи Самарқанд дар ибтидои асри XX – Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Абдуқодири Шакурӣ, Исматулло Раҳматуллозода, Ҳоҷӣ Муин Шукруллозода, Тӯрақул Зеҳнӣ, Абдулқаюм Қурбӣ, Абдуқодири Ҷомеъ (Азизов), Абдулғанӣ Ҷавдат, Вадуд Маҳмудӣ ва Обид Исматӣ меравад.

Дар мақолаҳои китоб, ки дар солҳои мухталиф навишта шуда, теъдоди зиёди онҳо дар рӯзномаи «Овози тоҷик» рӯйи чоп омадаанд, ҷанбаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, таҳлилҳои мантиқӣ, афкори интиқодӣ-фалсафӣ, хулосаҳои илмӣ, иншоҳои эссегуна, мулоҳизоти публитсистии муаллиф дарҷ гардидааст. Ҳамза Ҷӯра ҳангоми баррасии рӯзгору осори фарзандони маърифатпарвари Самарқанд бештар ба факту аснод, андешаҳои ашхоси наздик ва ақрабои таҷаддудхоҳон, ҳуҷҷатҳои мӯътамад такя намудааст, ки арзиши илмӣ ва адабии китобро як бар чанд зиёд мекунад.




Тавре дар муқаддимаи китоб таъкид гардидааст, «Ин китоб на танҳо барои ба абадият сабт намудани номи таҷаддудхоҳон, балки баҳри ба самъи хонандагон расонидани рӯзгори пурмашаққату вазнини таҷаддудхоҳони нимаи аввали асри XX аҳамияти махсусро молик аст. Риштаи умумие, ки рӯзгору мероси адабӣ ва тақдиру қисмати эшонро ба ҳам мепайвандад, рӯшноии равзанаи боғи маорифпарварӣ ва таҷаддудхоҳист, ки осори ин адибон аз ҳамон нури маънавӣ ғизо гирифтааст, таъқибу тазйиқоти сиёсиест, ки ҷаври онро қариб ҳамаи таҷаддудхоҳон ва маорифпарварони замони шӯравӣ чашидаанд».

Афзалият ва бартарияти дигари китоб дар он аст, ки дар он намунаи осор ва ашъори олимони маърифатпарвару бедорфикр низ оварда шудааст. Яъне, матолиби китоб барои дарки амиқи баъзе паҳлӯҳои адабиёти асри XX, омӯхтани характер ва хусусияти ҷараёни адабии давр, таҳлили мавзӯъ, мазмун, унсурҳои шакл, забону услуб, жанр ва намудҳои мушаххаси намояндагони адабиёти ин давр мусоидат мекунад.

Инчунин, хонанда то ҳадде бо вазъи таърихӣ, сиёсӣ, ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ ошно гардида, дубора амин мешавад, ки ин давр дар ҳаёти маънавию маърифатии мардуми Самарқанд, хусусан дар таҳким ва густариши шуури иҷтимоӣ, эҳёи дигарбораи асолати ҳунар, вусъати афкор ва ҷаҳонбинии мардум ҳамчун марҳилаи муҳими таърихӣ мақоми ҷудогона дорад.

Дар ин давр дар Самарқанд, ки аз азал маркази адабию илмии тамаддуни Машриқзамин ба шумор мерафт, бо саъю эҳтимоми аҳли бедори илму адаб адабиёти бадеӣ рӯ ба инкишоф ниҳода, дар осору ашъори эҷодкорон баробари эҳёи дубораи суннатҳои беҳтарини назму насри мумтози форсу тоҷик ва ӯзбек, руҳияти тоза ва моҳияту сифати нави давраи нави таърихӣ ба назар мерасад.

Бояд гуфт, ки ин амали шоёни таҳсин, ки аз ҷониби Ҳамза Ҷӯра анҷом ёфт, қобили дастгирӣ ва пайравӣ мебошад ва онро тақозо мекунад, ки таҳқиқу таҳлили осори маорифпарварони ин давр бояд идома ёбад.

**Ш. ЮЛДОШЕВА.**


Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-428.
Адади нашр 3690. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 21.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337; Котибот +998555200336. Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.